Муъмин Қаноат

# Шарора

Мӯъмин Қаноат

# Шарора

БИБЛИОТЕКА
КЛУБА
ШЕЛКОКОМБИНАТА
г. Ленинабад
Инв. №

Нашриёти Давлатии Тоҷикистон
Сталинобод 1960

28623
БИБЛИОТЕКА
профкома Ленинабадского
шелкокомбината.
ИНК-84

## Моҳи нав

Чун шом ғами сиёҳбахтон
Мекард ба тирагӣ дучандон,
Дар ҳар сари маҳ зи рӯи одат
Гуфтанд занон ба моҳ ҳоҷат.
Бо арзу ниёзи хеш онон
Буданд зи моҳ бахт ҷӯён.
Аммо зи ҳазор сол афзун
Бигзашт ба даври чархи гардун.
Сад бор ҳилол бадр мешуд,
Бар зан дари бахт, лек накшуд.
Хушбахтӣ чу як хаёли ширин,
Ӯро шуда орзуи дерин.
Гардун ки кар асту зулмбуньёд
Нашнид аз ӯ ҳазор фарьёд.

Акнун ки ту хеш бахтьёрӣ,
Ҳоҷат ба маҳе дигар надорӣ.
Аз ӯ насазад мурод ҷустан,
Худ моҳи замонӣ, нур афкан!
Дар авҷи самои ҳусн имрӯз
Ту бадри мунири оламафрӯз.
Рӯят ки зи бахт нурбор аст,
Ҳоҷатталабат чӣ бахтьёр аст.

Ҳар хона ки пои хеш монӣ,
Дар боғи мурод гул фишонӣ.
Сарсабзии ин ҳаёти озод,
Гул кардани ин диёри обод
Аз шафқати туст, бош огоҳ,
На аз фалаку зи меҳру аз моҳ!
Озодӣ туро ба маҳ расонид,
Дар рӯи ту халқ бахтро дид.
Акнун ба ту гашта роз гӯянд,
В-аз моҳи рухат мурод ҷӯянд.

1955.

## Ду гул

Ба ёд ояд мудомам он насими мушкбӯи Вахш,
Шукуфта пахтаҳои софи саҳрои накӯи Вахш,
Миёни пахта хандон духтарони хубрӯи Вахш,
Равон овози базми духтарон чун оби ҷӯи Вахш.

Ба саҳро пахта гулрез асту ҳар як гул ба болидан,
Табассум дар лабони ғунчаҳо гулбоз дар чидан.
Чӣ хуш дар ханда рӯи ёрро дар байни гул дидан,
Гули рӯи накӯяшро ба қасди ғунча нозидан...

Ниҳолон сабзпӯшу мисли ошиқ гул ба сар карда,
Зи шабнам субҳгоҳон баргу бори хеш тар карда,
Аз он чинакчидухтарро ба сӯи худ хабар карда:
— Биё, хандида сӯи мо, зафар пушти зафар карда.

Ду гул бишкуфта дар майдон айёми саҳар дидам,
На гул, дар зебу қиммат гӯиё дурру гуҳар дидам,
Якеро рамзи шӯҳратовари они дигар дидам,
Ба чидан он дигарро қаҳрамони номвар дидам.

Яке з-он аз сафедӣ нуқраи хом аст, пиндорӣ,
Ба зераш пахтазорон чатри нилфом аст, пиндорӣ,

Фурӯзон рӯи он худ ахтари шом аст, пиндорӣ;
Дигар дар байни он манзар маҳи том аст, пиндорӣ.

На он сон гул, ки ҳар соле ба даҳ рӯз аст давронаш,
Ба назди мардумон собит набошад аҳду паймонаш.
Барои булбули бечора дидан нест имконаш,
Агарчи то саҳар бошад зи ҷону дил ғазалхонаш.

Гули мо зеби саҳро, дурри беҳамтои даврон аст.
Нигори зодаи меҳнат, саропо бахтҷавлон аст.
Дигар он пахтаи симин, ки ӯро зеби домон аст,
В-аз он аҳли Ватан ӯро зи ҷону дил санохон аст.

Ба рӯи бениқоб ӯ бо табассум бингарад сӯям,
Зи дил хуни ҷавонӣ медамад андар сару рӯям.
Магар дигар гулеро боз меҷӯям? — Намеҷӯям.
Ба як умре нахобам то суруди васфи он гӯям.

1955.

## Дар роҳ

Субҳдам бар мошин савор шудем,
Ҷониби Вахш раҳсипор шудем.
Боди форам вазон ба рӯи мо
Ҳур-ҳур ояд зи домани саҳро.
Ба навозиш чу ошиқон ба саҳар
Аз рухи ғунчаҳои тозаю тар
Бӯса мезад чу андар он водӣ
Паҳн мешуд таронаи шодӣ...
Аз ду паҳлӯи роҳи тасманамо
Навниҳолон кашида сар ба ҳаво.
Чатрҳо бофта зи ғунчаи тар,
Раҳравонро фиканда соя ба сар.
Пахтазорони сабзи хушманзар
Дар назар ҷилвагар чу баҳр ба бар.
Рафти мошини мо ба он водӣ
Байни водии бахту ободӣ
Чун намудӣ, ки бодбонро бод
Сайр дар баҳри пургуҳар медод.
Дидам, он ҷо ҳаёт дар ҷӯш аст,
Хок аз дасти халқ зарпӯш аст.
Аз замини сиёҳ зар хезад,
Ҳосили пахтааш гуҳар резад

Ҷавшание ки оби он бахшад,
Қувва бар нури осмон бахшад.
Манбаи нуру кони ганҷ аст он,
Мактаби меҳнату фани деҳқон.

1955.

## Хоби модари олмон

Ҳама дар ними шаб хомӯш, аммо
Сияҳабре кашида сар ба боло.
Ҳаворо хост пӯшонад ба як сон,
Вале аз боди тайфун шуд парешон...
Ба ин шаб модаре биншаста хомӯш,
Чу ҳайкал, лек қалби пок дар ҷӯш.
Шарар аз хашм дар чашмон ҳувайдо,
Зи симояш ғазаб мегашт пайдо.
Ба пешаш кӯдаке дар пинаку хоб,
Рухаш рамзе зи хуршеди ҷаҳонтоб.
Ба хоби ноз, модар лек бедор,
Ғазаболудасимову пурасрор.
Ба ёд овард рӯзи пуразоро,
Ду фарзанди аз ӯ кайҳо ҷудоро.
Ду сайди куштаи тири ҷаҳолат,
Ду қурбонии ҷанги беадолат.
Ду нури дидаи аз ӯ рабуда,
Қ-аз он нафрат ба дил ӯро фузуда.
Ба ин андеша ғарқу рафт дар хоб,
Хаёл аз ғусса бикшодаш яке боб.
Чунин хобе ба хобаш дид: — Гӯё,
Баногаҳ шӯру шар гардида барпо.
Садои таркишу фарьёду шеван,
Ба рӯи шаҳр меборид оҳан.
Зи як сӯ танк бо ғурриш равон буд,

Ба як сӯ ҷон ба каф мардум давон буд;
Ҳуҷум оварда дид лаг-лаг сипоҳе,
Ба сони оташу дуди сиёҳе,
Хулоса рӯзи фавти ду бародар
Аён мегашт дар чашмони модар.
Начида гул зи боғи умру ҳоло,
Аҷал бар тифли ӯ кард даст боло.
Ғазаб ҷӯшид ба қалби модарона,
Зи дида ашки нафрат шуд равона.
— Чӣ ваҳшат, хунхӯрон, эй вой, имдод!
Тапон дил, ларза бар тан, кард фарьёд.
Аз ин фарьёди худ бедор гардид,
Қашида дар канор он кӯдакаш дид.
Арақ аз ҷабҳаю рӯяш гуҳарсон,
Ба тезӣ буд чун симоб шорон.
Зи ҳайронӣ ду дасташро ба сар кард,
Ба чашми ашкборонаш назар кард...
Ҳама хомӯш, танҳо мавҷи овоз
Зи қасри сулҳҷӯён кард оғоз:
Ки — баҳри бахти ҳар пиру ҷавоне,
Ба хушбахтии ҳар як хонадоне,
Ба зидди ҷанг-ҷанги мост имрӯз,
Ба зидди ҷанги ҷону хонумонсӯз...
Шунид инрову рӯҳаш тоза гардид,
Тараб дар сина беандоза гардид.
Бирафт аз дил алам, омад мадораш,
Ки халқи оламӣ будаст ёраш.
Табассум дар лабону бо навозиш,
Сари фарзандро медод молиш.
Ба ӯ мегуфт: — Ҷонам, хезу бишнав,
Ба имдод омадам овози Маскав.

1955.

## Меҳри модар

Дар гармию покию ҷаҳонорой
Қай бошад офтобро ҳамтое?
Аз тобиши ӯ ҷумла набототи ҷаҳон
шуд соҳиби ҷон.

Рахшандагии ҳаёт аз шӯълаи ӯст,
Олам ба шарофати ҷамолаш некӯст.
Як рӯз агар нур напошад ба замин,
дуньёст ғамин.

Ҳар ранг, ки дар сабзаю гулбарги тар аст,
Ҳар гул, ки дар интизори вақти саҳар аст,
Аз тобиши ӯ кунад чунин авҷу барор
дар рӯзи баҳор.

Ҳарчанд сахию хубу рахшон бошад,
Нураш ба ҳама ҷаҳон на яксон бошад.
Дар Шарқ аз ӯ серу Шимол аст мудом
лабташнаи он.

Меҳри дигаре ки дар тамоми олам
Якзайл битобад ба сари ҳар одам,
Дар гарму хунук ҳарорати ӯ яксон,
бошад тобон,

Йн меҳри ҳамешагарми модар бошад,
Дар ҷозиба зӯртар зи ховар бошад.
Роҳе ки мунаввар аст аз ин меҳр имрӯз,
бошад фирӯз!

1956.

## Кафшери муҳаббат

Ҳар он чӣ ҳаст дар олам, қиёсу интиҳо дорад,
Ба ғайр аз ҳисси некӯе ки умри бобақо дорад.
Чи молу мансабу сарват, чи ҳусну шӯҳрату ҳашмат,
Чи айёми ҷавонӣ, ки хушо нашъу намо дорад.

Баҳорон дар чаман гул дар миёни сабза мерӯяд,
Ба оби дидаи бечора булбул чеҳра мешӯяд,
Бихандад, рух намояд, з-он чаманро ҳусн ороят,
Вале дилдодае ӯро фақат як бор мебӯяд.

Зи хуршеди дурахшон ҳар замон як зарра кам
гардад,
Вале бар ишқ ҳар соат ҳарорат боз зам гардад.
Чӣ кафшерест пайвандад ба як ҷо банди дилҳоро?
Чӣ сеҳр аст он ки чун бандад намесозад ҷудо асло?

Азизам, дон ки кафшери муҳаббат меҳри фарзанд
аст,
Ки бо он риштаи умри ду одам сахт пайванд аст.
Ба пирӣ ӯ мадори модару пушти падар бошад,
Азизу меҳрубону ёдгору ҷону дилбанд аст.

1956.

## Ба духтари пахтачин

Ту на мошинию не оҳану не фӯлодӣ,
Одамӣ, одами оддию вале озодӣ.
Сари хам аз дами субҳи саҳарӣ то бегоҳ
Ҷаҳд дорӣ, накунӣ балки ба хуршед нигоҳ.
Дастакони ту гаҳе хастаю зардоб шавад,
Ҷорӣ аз ҳар сари мӯи сияҳат об шавад.
Гар нишинӣ нафасе, дарди миёнат гузарад,
Хастагӣ аз бадану тафси даҳонат гузарад.
Ғайратат лек намонад, ки мабодо дигарон
Андар он лаҳзаи дамгирӣ кунад пур домон.

Сурхрӯю араҳолуда ба корат бинам,
Чанг биншаста ба мижгони қаторат бинам.
Рӯи тафсида зи сурхӣ ба мисоли оташ
Дар таҳи обу араҳ ҷозибадору дилкаш.
Лаби чун лолаи тар хушк шавад, шӯра дамад,
Қади мавзуни ту андар сари ҳар пахта хамад.
Ин чӣ сон қолаби арзанда, дар он ҳусну ҳунар
Ҷой гардидаю омехта чун ширу шакар?

Вақти гармо зи рухат донаи гавҳар резад,
Пас зи хоки сияҳ андар ивазаш зар хезад.

Гуҳар ояд ба каф аз обилаи дастонат,
Пур кунад кишвари моро зи гуҳар домонат.
Халқи як мулки азим бин, ки ту мепӯшонӣ,
Чархи таърих ба ин рӯз ту мегардонӣ!
Ҷунбиши дасти ту чашми ҳама касро бубарад,
Амалу шасти ту дар тезӣ зи оҳан гузарад.

Ҳар нафас даст ба доман задаю рост шавӣ,
Хам-шуда, рост-шуда дастзанон роҳ равӣ.
Ба ҳамин санъату зӯрию ҳунармандии ту,
Ғайрату тоқату чун мард камарбандии ту,
Ифтихор аз ту ба ҳар лаҳза кунад халқ, равост!
В-ар кунад номи туро сабт ба таърих, сазост!

1956.

## Дар роҳи вафо

*(Масал)*

Як фохтаи жӯлидае дар қафасе
Дар ҳасрати парвоз бувад ҳар нафасе.
Дар гирди қафас фохтаи озоде
парвозкунон,
Дар рӯи қафас нишаста аз чокии он
Сар ҷониби ёр менамояд нигарон.
Гӯё ки, биё, гуфта зи ҷо пар мезад.
Медид ҳамон
Аз доми бало раҳо намешуд ёраш,
Баргашта дубора менамуд ин кораш...
Қу нутқу, забон, ки рафта ёрӣ талабад,
Мурғони ҳаво
Аз ҳар тарафаш то ки ба имдод оянд,
Аз банд раҳо бародараш бинмоянд.

* * *

Гар мурғ ба бешуурию нодонӣ
Дар роҳи вафо кунад чунин сарсонӣ;
Инсон ки шууру нутқу дониш дорад,
кай бигзорад
Дар банди ҷафо шарики ғамхореро,
Ҳаммаслаку ҳаммиллату ҳамкореро!

1956.

## Ленин аз мост

Ёд дорам, ки ҳанӯз кӯдаки нодон будам,
Соддаю бехабар аз ҳикмати даврон будам.
Ҳар чиро хуб ва зебою дурахшон дидам,
Ё ки тавсифи чизеро зи касе бишнидам,
Якравӣ кардаю гуфтам, ки «фалон чиз аз мост»,
З-он миёни бачаҳо баҳсу ҷадал бармехост...
Номи Ленин якӯмин бор чу омад ба даҳон,
Бо ҳамон якравии кӯдакӣ шуд вирди забон:
«Ленин бобои манаст...
Ана, на бобои шумост,
Сураташ рӯзу шаб овехта дар хонаи мост».
Ҳар кӣ «бобои ман аст» гуфта ба ҳам баҳскунон,
Мешуд охир бадал ин баҳс ба ҷанҷоли калон.
Лек будам ба амал,
тез калон мегаштам,
Воқиф оҳиста зи асрори ҷаҳон мегаштам.
Мактаби ленинӣ пас илми ҳаётам омӯхт,
Ба сарам шамъи хирад, нур ба чашмам афрӯхт.
Ақл бедор шуду чашми хирад бикшодам,
Боз омад сухани кӯдакиям дар ёдам.
Ҳоҷати баҳси дигар нест, фақат хандидам,
Чунки имрӯз варо дар ҳама олам дидам:
— Ҳар куҷо корталаб музтару ҳайрон бошад,



28623
БИБЛИОТЕКА
профкома Ленинабадского
шелкокомбината.
БИБЛИОТЕКА
ШЕЛКОКОМБИНАТА
г. Ленинабад
Инв. № 35744

Тифли ӯ гирьякунон дар талаби нон бошад;
Ҳар куҷо кӯдаки бекас, ки паго бархезад,
Дида тасвири таом оби даҳон мерезад;
Ҳар куҷо ранҷбарон хам шуда андар сари кор
Арақ аз ҷабҳа бирезанд чу бороии баҳор,
Ҳар куҷо рӯида чун замбуруғ аз ин «борон»
Доллару фунт чу сармоя ба роҳи осон.
Ҳар куҷо халқ аз ин ҷавр ба ҷон омадааст,
Баҳри тоқат зада сар, мавҷи равон омадааст,
Ҳар куҷо дӯстию амнияту истиқлол
Ҳаст бо фитнаю таҳдиду ғуломӣ ба ҷидол,
Ҳар куҷо халқ ба озодӣ камар мебандад,
Бахти оянда ба рухсораи он механдад,—
Ленин он ҷост...
Варо дар ҳама ҷо мебинам!
Дар дили халқ ба ӯ меҳру вафо мебинам.
Ҳамаяш доҳию устоду падар мехонанд,
Ҳамчунон гавҳараки чашм азизаш донанд.
Бо вуҷуди ҳама ин, боз бигӯям имрӯз
Бошуурона, ки
он машъали оламафрӯз
Аввалин бор ба сарманзили мо нур фишонд,
Ки нишоне ҳам аз он даври сияҳкоса намонд.
Аввалин бор дар ин кишвари паҳновари мо
Кард бо дасти худаш олами навро барпо.
З-ин сабаб гуфтаму мегӯям:
— Ленин аз мост,
Дар дили кишвару дилҳои пур аз меҳру
вафост!»

1957.

## Шоир ва шоҳ

Шоҳи соҳибқирон — Темурланг
Дили беҳис дошт ҳамчун санг.
Хок дар зери пош меларзид.
Марг аз хашми ӯ ҳаметарсид.
Аллу инсоф дар гурез аз ӯ,
Мижаҳо найзаву камон абрӯ.
Гар имое ба мижжаҳо мекард,
Чанд сарро зи тан чудо мекард.
Бо ғазаб абрӯвон чу хам мекард,
Тухми одам зи даҳр кам мекард.
...Баъди ҷанги шадид Эронро
Лашкари ӯ намуд зери по.
Дод фармони «қатли ом» эълон,
Қ-аз ҳама саркашон ситонанд ҷон.
Пас зи ҳафтсад ҳазор сар он ҷо
Қалламанорае кунанд барпо.
То ки аз ҳар канораи кишвар
Дида созанд ба зӯрияш бовар.
Бо ҳамин роҳ шоҳи оламгир
Ҷуст ба таслими халқҳо тадбир.
Хост ваҳму ҳарос андозад,
Халқҳоро мутеи худ созад.
Баҳри иҷрои амр як лашкар

Ҳар ки ояд ба даст, мезад сар.
На саволу ҷавобу не пурсиш,
Ки аввал пурсиш асту баъд кушиш.
Қисса кӯтоҳ, лашкари ҷаллод
Кард аз сар манорае бунъёд...

* * *

Сарбуриҳои тӯдаи бесар,
Соҳиби дину рутбаю афсар;
Ҳеҷ охир надошт...
Вовайло —
Аз замин мерасид то ба само.
Аҳли Эрон ҳама амон меҷуст,
Лек теғи амир ҷон меҷуст.
Пас гурӯҳе бурун шуд аз пирон,
Сӯи Темур шуданд замингирон.
Арз карданд, к-эй шаҳи олам,
Аз ҳазор мабод умрат кам!
Аҳли Эрон, шаҳо, амон ҷӯяд,
Пиру барно туро дуо гӯяд...
Шаҳ ба ҷои амон фармон дод,
З-он сари чопарон ба хок афтод.
Мардум аз ин умед даст шустанд,
Пас аз он чораи дигар ҷустанд.
Роҳӣ карданд баъд аз ин тифлон,
Буд бар гардани ҳама Қуръон.
Он китоби муқаддасе, гӯё
Банд бинмуда маҷраи дарьё,
Он китобе миёни оташу об,
На бисӯзад, на тар шавад, на хароб.
Шоҳи оташмизоҷи пурдаҳшат,
Маснадорои марги пурваҳшат
Гуфт: Ин қавмро сари бозист!
Шоҳу атфолро чӣ дамсозист?!

Дод фармон:
— Гулхан афрӯзед,
Ин ҳаромзодагонро сӯзед!
Тифлҳо бо китоби пайғамбар
Пеши чашмаш шуданд хокистар.
Чораи дигаре набуд гӯё,
Халқ сарсону шаҳр пурғавғо.
Қас умеде надошт як рӯзе
Бас шавад сарбуриву хунрезӣ.

* * *

Вақти сармастии шаҳи мағрур
Мӯсафеде падид шуд аз дур.
Пирамарде ба мисли манбаи нур,
Ришу мӯяш сафед чун кофур.
Мӯ парешону чашм пурнам буд,
Дар либоси сиёҳи мотам буд.
Шеър мегуфту роҳ мепаймуд,
На зи мурдан, на аз шаҳаш ғам буд.
Дод Темур ба сарбурон фармон:
— Турфа девонаест ҳикматдон,
Бикашедаш ба назди мо, якчанд
Бозӣ дорем,— гуфт бо писханд.
Мардро пеши шоҳ оварданд,
Сари таъзим ҷумла хам карданд.
На саломе аз ӯю не таъзим,
На ба шаҳ паст кард сари таслим.
Шоҳ бо шӯхӣ гуфт:
— Эй маҷнун,
Бин, ки Эрон шудааст ғарқаи хун!
Кистӣ, ин қадар ту беноангӣ,
Теғ бигирифтаю намеҷангӣ?..»
Мард гуфто ба ӯ ки:
man хокам,

В-ар равам зери хок, бебокам.
Лек бо ту ба оини мардӣ
Оташам; гарчи оҳани сардӣ!
Шаҳ ба дил гар аз ин сухан ранҷид,
Зоҳиран қаҳ-қаҳзанон хандид.
— Ана, девонаро бипурс маҳ чанд,
Дар ҷавобаш шунав аз ӯ ин панд.
Эй гаранг, кистам, ту медонӣ?
Як дирам медиҳам, агар донӣ...
Гуфт: — Шоҳо, ту низ хок астӣ,
Лек аз хоку тинати пастӣ...
Шоҳ шӯрида дам фурӯ мебаст,
З-ин ҷавоби ҳаким чунон бишкаст,
Қ-аз хиҷолат даме хамӯш истод,
Пас ситеза намуда зад фарьёд:
— Хон дуоят! Агарчи садҷонӣ,
Нест андар халосат имконе!
Сари ту зеби ин манораи мост,
Пӯстат лоиқи нақораи мост!..
Пир бо ханда гуфт:
— Шаҳаншоҳо,
Сари мо зеби тоҷро надид асло.
Гар бихоҳӣ манора оройӣ,
Халқ эмину худ биёсой,
Ҳеҷ як сар миёнаи сарҳо
Набувад чун сари шумо зебо.
Ӯ саре тоҷвар ба ҳаҷм калон,
Холию пурғуруру офати ҷон...
Шоҳ ларзида дод зад:
— Ҷаллод!!
Назди ӯ қотиле чу дор истод.
Пири доно ба нармӣ гуфт:
— Эй шоҳ,
Ту сабуксар машав чу шӯълаи коҳ!
Шӯъла то осмон кашад гар сар,

Мешавад зери пои хокистар.
Гар ба сад сол сар бурӣ, рӯзе
Сар бурандат ба теғи ҷонсӯзе!
Ин суханро шунидаӣ оё,
Ҷон азиз аст як ба шоҳу гадо.
Гар ту аз як сухан ғазаб кардӣ,
Сари гӯяндаро талаб кардӣ,
Вой бар ҳоли бегунаҳ мардум,
Ки бисозӣ ба қатлашон маҳкум...
Чашм бикшой, гар басар дорӣ,
Такья андар сари падар дорӣ!
Ҳам сари ту ба хок баргардад,
Такьягоҳи каси дигар гардад.
Ту намонӣ ба олами имкон
То абад подшоҳи дуньёбон!..

* * *

Шоҳи золим нишаста фикронӣ,
Буд ба рӯяш нишони ҳайронӣ.
Дастҳо хунфишону ҷаллодон,
Гӯшҳо интизор бар фармон.
Шоҳ аммо хамӯшу сархам буд,
Ҷаҳлу ақлаш нахуст маҳрам буд.
Баъди нимрӯз сар чу боло кард,
Сӯи ҷаллод ким-чӣ иммо кард.
Сарбурон мардро раҳо карданд,
Худ надониста ки чаро карданд.
Пас забон баркушод он мағрур:
— Ман яке бандаи худо Темур!
Амр ин аст: ҳамин замон лашкар
Қатъ созад ҷафою кандани сар!
Чопарон амри шоҳро burданд,
Ба сари қотилонш биспурданд;
Бо ҳамин ёфт сарбурӣ поён

Аз дами оташини теғи забон.
Гарчи шамшер тезу буррон аст,
Сухани ҳақ буротар аз он аст.
Кист он мард? — шоири ҳақгӯй,
Ҳофизи номии адолатҷӯй.
Он, ки доди суханварӣ дода,
Шеърро зидди теғ бинҳода.
Он, ки бо лафзи рост дар олам
Роҳ ёбад ба қалби ҳар одам...

1957.

## Модари шарқ

Рафт он давр, ки дар васфи хами абрӯят,
Дар таманнои руху лаъли лабу гесӯят;
Моҳ аз чарху гул аз гулшану лаъл аз дили кон,
Ҷамъ оварда ҳамерехт ба пои ту замон.
Давр андар қадамат селаи ахтар мерехт,
Баҳри васфи нафасат нофаю анбар мебехт,
Гарчи таърифи ҷамоли ту бикарданд басе,
Ғайри маъшуқа туро шахс намехонд касе.
Ҳамчу модар, ки башар кӯдаки домони ту буд,
Ҳамчу одам, ки гули ҳастӣ ба дастони ту буд,
Ҳурмату шодиву озодӣ надидӣ ҳаргиз,
Меваи боғи тараброро ту начидӣ ҳаргиз.
Рафт он давр,
бале рафт...
Замоне омад,
Ба дили кӯҳнаҷаҳон боз ҷавонӣ омад.
Зан кунун гашт дигар,
гашт дигар маънии он,
Чархи таърих ба ин рӯз зи дасташ гардон.
Зери дасташ бинигар мошина гардон бошад,
Аз сабукдастии ӯ мошина сарсон бошад.
Бин, ки аз ғайрати ӯ дар дили ҳар водии мо
Кӯҳ аз пахта сари хеш кашида ба ҳаво.

Бин, ки имрӯз ҳама халқ ба амри модар
Бар зидди ҷанги ҷаҳонсӯз бубардошта сар.
Модари Шарқ ба ин рӯз барорад овоз,
Сухани ҳақ кунад аз минбари Машриқ оғоз.
То ки ҳамчун зани тоҷик бигардад озод,
Зулми бегона зи мулкаш биканад аз буньёд.

1957.

## Ҳукми таърих

Шаби Октябрь чу доҳии бузурги дуньё
Ҳукми таърих ба нируи хирад кард иншо,
Бонги оташ зада бо муждаи шодӣ ба ҷаҳон
кард Аврора нидо.
Ӯ нидо кард, ки дар шашьяки дуньё имрӯз
Гаштааст соҳиби таърих — халоиқ фирӯз.
Ӯ нидо кард, кунун субҳ ба таърих дамид,
рӯзи фирӯз расид.
Ӯ нидо кард, аё ранҷбаро, шав дилшод,
Модари даҳр пас аз ҳамл чунон тифл бизод,
Ки ба пешонаи вай сиккаи шоҳӣ набувад,
ҳам табоҳӣ набувад...
З-ин хабар ҳар ки, ки буд давлати ӯ бозӯяш,
Шод шуд, қувва гирифт, ранг давид дар рӯяш.
Ҳар ки мехӯрд ба як умр насиби дигарон,
шуд ба талвосаи ҷон.
Аз ҳамин сония шуд душмани ӯ дар паи ӯ,
Дӯстонаш бишуданд ҳамқадаму ҳампаҳлӯ.
Душманон гашта паи зарба задан дар кораш
в-аз паи озораш.
Фол диданд, шунидем, сиёсатдонон,
Қампири сода ҳамегуфт ба қавми нодон:
— Фол некаст, накунад беш зи як моҳ давом
давлати халқи авом...
Ҳамчу каргас ба камин ҷумла ба сӯяш нигарон,

Аз паи лошахӯрӣ рафта басе оби даҳон.
Лек як сол нишастанду дуо кора накард,
фол ҳам чора накард.
Аҳли сармоя ба по хест, камар баст ба шаст,
Саҷда бар олиҳаи батҳ намуд теғ ба даст.
Ки ба як рӯз кунанд «пок» замини моён
гӯиё аз «дуздон».
Олами ҷоҳ ба як рою ба сад ранг омад,
Ӯ ба дови ватани мо зи паи ҷанг омад.
Сар даровардa зи ҳар гӯша ҳама дузду ғарон,
ғозии молу макон.
Лек бар дафъи хатар халқи ватан хест ба по,
Чашми таърих надидаст чунин зӯру вафо.
Халқи аз моли ҷаҳон дошта танҳо сару ҷон,
буд бар ҷанг равон.
Мардуми гушнаю лабташна ба роҳи душман
Шуда як монеаи зинда ту гӯӣ з-оҳан.
Ғояи Марксу Ленинӣ шуда ҷавшани ӯ,
маяқи равшани ӯ.
Деви чордаҳсари сармоя аз ин зӯр шикаст,
Худ само хонд, замин кард варо аз худ паст,
Қас аз он лофзанон ҳеҷ ба мақсад нарасид,
ҳамаро хок кашид.
Ҳам худи «Шоҳи Сибирь» — Қолчаки маҳкуми ҷазо
Ёфт дар қаъри замин салтанату маснаду ҷо.
Бози давлат ба сараш — теғи советӣ бинишаст,
шавкати «шоҳ» шикаст.
Хок хӯрдаст дар ин хок басо тиру камон,
Теғ хӯрдаст дар ин мулк басо теғкашон.
Ҳар ки бо лоф ба ҷанг омад, аз ин ҷой нагашт,
мурд дар бешаю дашт!

1957.

## Салют

Боз имшаб зи дами тӯп шарар меборад,
Ҷӯш дар сина, бурун бонги зафар меорад.
Аз ҳама гӯшаи ин кишвари паҳновари мо
Соате тӯпу туфанг ҷӯр намоянд садо.

Боз бо тантана бин шевану фарьёд кунанд,
Зи нав он мардуми қурбоншударо ёд кунанд,
Ки дари фатҳ кушоданду бирафтанд аз мо,
Дили худ машъала карданд ба мисли Данко.

Худ бирафтанд агарчи зи ҷаҳон якбора,
Дили ҳар як ба ҷаҳон монд чу оташпора.
Аз ҳамон оташи дилҳои шарарбор имрӯз
Гашт пайдо ватанам — машъали оламафрӯз...

На, шумо ҳеҷ намурдед чу бо номи шумо
Гашт як олами анвор ба одам пайдо.
Андар ин ҷашни азим ҷумла шумо бо моед,
Ҳамчунон оташи дил дар ҳарами дилҳоед!

Гур-гури тӯпу туфанг тӯҳфаи раҳпои шумост!
Оташи мушаки рахшанда зи дилҳои шумост!
Саҷда дар пои шумо, к-ин шарару ҷӯшу хурӯш
То ки як дил ба ҷаҳон аст, насозем хамӯш!

1957.

## Садди ногузар

Ба мулки мо ки устодони аъзам
Ҷаҳони кӯҳнаро доданд барҳам,
Асоси олами сарсабзи навзод
Зи сулҳу дӯстӣ карданд буньёд.
Ба рӯзи сахт миллатҳои бисьёр
Бипайвастанду гардиданд ҳамкор.
Ба ҳам омехта ин халқ он сон,
Ки гаштанд гӯиё якҷисму якҷон.
Ба ин чил сол гардидаст з-онҳо
Чунон таркиб, он сон ҷинс пайдо,
Ки дар сахту матинӣ бемисол аст,
Варо бишкофтан амри маҳол аст.
Миёни оташу ҷангу ҷадалҳо
Чунон парварда гардидаст ҳоло,
Ки гар монеае созем аз он,
Намудан рахна онро нест имкон!

1957.

## Асри атом

Он тараф з-уқёнуси Ором
Шабу рӯзи дароз беором
Чанд фабрикҳои тухматбоф
Осмонҳо намуда пур аз лоф.
Мулкашон маркази замин хонанд,
Хешро сарвари замон донанд.
Ҳомиёни навини Шарқи қадим
Дом афкандаанд аз зару сим.
Дода лофу дурӯғро сад ранг,
Аз қафошон валек киштию танк.
Ҳамчу «зӯроварони» асри навин
Гашта дар ҷустуҷӯи нофи замин...
Ин ҳама лек қиссаи қоф аст,
Ҳавзаи нефти Шарқ он ноф аст.
Гузари ин дурӯғҳо зи миён
Об бурда ба мавҷи пуртуғьён.
Андар ин аср кай кунад бовар
Лафзи бемағз
мардуми Ховар!
Чашми ақли башар дар ин айём
Шуд кушода зи пардаи авҳом.
Бингар аз зарра то ба меҳру моҳ
Ҳаст ӯро ба зери боли нигоҳ.

З-ин сабаб гар дурӯғро имрӯз
Нуқракӯбӣ кунанд ё зардӯз,
Чун бурун аз лабу даҳон гардад,
Пеши чашми ҳама аён гардад.

1957.

## Ҷилвагоҳи ҳақиқат

Мо зи эъҷози худ намелофем,
Қиссаи зӯри худ намебофем.
Бекаромоту одами хокем,
Чун ҳама одамони офоқем.
Лек ҷон дода, ҳақ талаб кардем,
Ростиро ба худ насаб кардем,
Бар вай имрӯз болу пар додем,
Дар раҳи офтоб сар додем.
Бин, ҳақиқат зи ҳафтӯмин афлок
Мекунад синаи фазоро чок.
Бо забони умум бар дунъё
Мебарад муждаю паёми мо!

1957.

## Ҳукм бар ситора кунем

Нигар, тилисми гунбади афлок пора кунем,
Ба чашми ақл ба асрори ӯ назора кунем.
Дигар малоф ту аз сарбаландӣ, эй афлок,
Ба авҷи боми ту худро ба як ишора кунем.
Зи қаҳр мешавӣ гоҳе сиёҳу гоҳ сафед,
Ки сирри пардаи розат ба ҳар канора кунем?
Вакили мардуми мо дар зиёфати Миррих
Бидод ваъда, ки ин сайрро дубора кунем.
Тавонгарӣ нигар, эй офтоб, мардуми хок
Тамоми оламии афлокро идора кунем.
Ба назди ахтари толеъ мурод кай ҷӯем,
«Ки ноз бар фалаку ҳукм бар ситора кунем».

1957.

## Қиссаи чархи фалак

Буд марди содае дар як замон,
Дошт як хар аз ҳама моли ҷаҳон.
Аз қазо рӯзе ба як ҷое расид,
Ки дарахте баҳри харбандӣ надид.
Ӯ харашро дар нишеби чарх баст,
Хоб омад, рафт андар хоби маст.
Ними шаб чун боди саҳро шӯр кард,
Чарх гардон шуд, харакро ҷӯр кард;
Беибо бардошт аз фарқаш баланд,
В-аз фарозӣ ҷониби дарьё фиканд.
Соҳиби хар чун саҳар аз хоб хест,
Дид бечора хараш дар ҷой нест.
Шаш ҷиҳатро кофт, осораш наёфт,
Пас сӯи як кампири «доно» шитофт.
Рафта назди зол арзи ҳол кард.
Зол рӯ андар дуою фол кард.
Гуфт: — Эй марди худо, рӯзи фалон,
Дар фалон солу фалон моҳу замон
Як сари чархи фалак дар хок буд,
Ки замин он шаб чу дарьё пок буд.
Ту хари худро ба он ҷо бастаӣ,
З-он ба иқлими малак пайвастаӣ.
Баъди чандин гардиш аз чархи барин

Боз ояд маркабат сӯи замин...
Он чуноне ки ҳикоят мекунанд,
Ровиён аз он ривоят мекунанд,
Ӯ ба фикру зикри чарх афтодааст,
Дар ҳамон саҳро ҳанӯз истодааст.

* * *

Мисли он марди гаранги номурод
Содалавҳони навини бадниҳод,
Дар миёни чор дарьё тахтабанд
Дар раҳи чархи фалак истодаанд.
Бо умеде: чарх з-он ҷо бигзарад,
Чинро аз нав ба онҳо оварад.
Бехабар аз он, ки дар рӯзи ҷазо
Қайсари онҳо — хари подарҳаво,
Аз сари чархи фалак афтодааст,
Байни обу оташ ӯ истодааст.

1957.

## Соли нав, меҳмони нав

Ин пагоҳӣ зи дарам тифлаки ширинрӯе
Ба даҳан ханда, ба дасташ гулу худ дилҷӯе,
Гашт ворид, к-аз он хонаи ман нур гирифт,
Чун хабар гуфт, дил аз муждаи он зӯр гирифт.
Гуфт бар ман, ки: «Амак, ҳадьяю тӯёна бидеҳ,
Ба ману ҳамраҳи ман ҷой дар ин хона бидеҳ.
Ман ба ин хонаи нав одами нав овардам,
Ҳам туро соҳиби як булбули гӯё кардам.
Ӯ дар он хонаи атфол ба хоби мастаст,
Модараш оинасон дида ба рӯяш бастаст...»
Зуд барҷастаму аз чеҳраи ӯ бӯсидам,
Писари симтани кишвари худро дидам.
Аз руху дидаи ӯ нури Ватан гашт аён,
Гӯӣ як олами иқбол дар он буд ниҳон.
Хуни гарме бидавид, тез сару пой гирифт,
Дил ду-ним гашту дар он меҳри наве ҷой гирифт.
Сари навсабзшуда гӯӣ ба афлок расид,
Ашки шодӣ бишукуфт, ғӯра шуду боз чакид.
Гуфтам:—Эй соли нав, эй муждарасонам, ҷонам,
Нек-фарзанди диёрам, ватанам, давронам,
Ёру ҳамсоли ҷигаргӯшаи хобидаи ман,
Нек бодо қадамат, фарши раҳат дидаи ман!
Ту ба ин хонаи мо нуру зиё овардӣ,

Бахту иқболи наву умри бақо овардӣ.
Аз ту ин аст муродам, ки дар ин ҷо бошӣ,
Ҳомию ҳамнафаси хурдакаки мо бошӣ.
Ту тавоноӣ, бигир он ҷигару ҷони маро
Дар таҳи боли ҳимоят зи сари сидқу вафо.
Неъматаш бахш, ки ӯ бозӣ кунад, ноз кунад,
Қуввату болу параш бахш, ки парвоз кунад!
Чунки ӯ ворисн фардои ману ҷони ман аст,
Тифли боғайрати оянда и пуршони ман аст.
Роҳи ӯ роҳи зафар — арсаи парвоз бувад,
Дурпарвоз, талаб ин ки чу шаҳбоз бувад.
Пас паронҷак, ки шуд ӯ ҷониби фардои диёр,
Сарбаландона, саломат ба ҳаёташ бисупор!

1958.

## Тимсоли наҷот

Ҳасми ҳангоматалаб бесару сомон мерафт,
Захми корӣ ба ҷигар, пушт ба майдон мерафт.
Хасми ҷангомада имрӯз ба танг омада буд,
То ба ин лонаи худ рӯбаҳи ланг омада буд.
Дар дами марги яқин буд ба талвосаи ҷон,
Макру найранг ҳамекард ба мисли шайтон.
Буд омода, ки одам бидарад, ҷон бихарад,
Оламе сӯзаду ҷонро ба саломат бубарад.
Дар ҳамин лаҳзаи ҷон кандани душман рӯзе
Сар зад аз макри адӯ фоҷеаи ҷонсӯзе:
Як ҷавонмарди зафарпешаи бебоки Ватан
Пок кард аз қадами наҳси адӯ хоки Ватан,
То ба ин сония ӯ синасипар меомад,
Пеш-пеши шафақи субҳи зафар меомад.
Ӯ, ки дар роҳи шараф хурду калонро бардошт,
Аз дами марг басо ҷони ҷавонро бардошт,
Дид дар роҳи калон кӯдаки партофтаро —
Тифли афкандаи бемодари навёфтаро.
Тифли маъсум ҳамон нолаю афғон мекард,
Во даҳон кардаю лаб майл ба пистон мекард.
Дид чун ҷониби ӯ танк хазон меояд,
Ба сараш наъразанон марги аён меояд,
Тез барҷаст, ки аз хок бигирад ӯро,

Зи бало дур кунад тифлчаи дилҷӯро.
Ҷаст то умр диҳад, бахт диҳад одамро,
Тифли дар хавфи ҳалоки зи хатар беғамро.
Ба сараш рафту бубардошт, ба оғӯш кашид,
Баста андар бағалаш минаи хунхор надид.
Гашт ин лаҳза чунон таркиши мудҳиш бапо,
Гунбази хок дамид, чанг баромад ба ҳаво...
Чанг шуд паст, вале ҳеҷ надиданд осор,
На зи кӯдак, на аз он ҳомии кӯдакбардор.
Гашта гулбаст фақат домани хоке диданд,
Ба замин рехта он ҷо хуни поке диданд.
Ҳама ҳайрону парешон, ки чиро бардоранд,
Нест з-онҳо асар, аз хок киро бардоранд?..
З-он ду хуни ба ҳамомехта пас гил карданд,
Баҳри қурбоншудагон рост тану дил карданд.
Ватан аз меҳр бубахшид ба ҷисми онон
Сахтии оҳану ҷозибаи хуршеди ҷаҳон.
Пас ба болои манор одами оҳантанро
Халқ бардошт ба он кӯдаки гирьён як ҷо.
Теғи урьён ба кафаш, кӯдаки гирьён ба бараш,
Бо салобат қадамаш, рост ба болост сараш.
Нигаҳаш гӯй, ки парвози ҷаҳонгир кунад,
Тифл худро ба сари синаи ӯ зер кунад.
Гӯй мехост, ки дар синаи ӯ ҷой шавад,
Эмин аз хавфу хатар тифлаки бепой шавад!

1958.

# Оташи ғазаб

Ғазаби халқ ба дил зам шуда оташ гардид,
Шӯъла барҷаст бурун, гӯӣ ки вулқон таркид,
Зи Араб, ними ҷаҳон—то ба Вашингтон ларзид,
Меҳри ховар ба замин, гӯӣ фуруд омада, дид
Чашми фардои дурахшони Арабро бедор.

З-оташи хашму аз он тобиши хуршеди Араб
Аз дили хок чунон ҷаст бурун нори ғазаб,
Қ-оташин халқу замин шӯълаи сӯзон гардид,
Шарқ дар зилзила чун маркази вулқон гардид,
Шуд аз он маҳкамаи зулму ғуломӣ вайрон.

Зарпарастони ҷаҳон, бин, даву тозе доранд,
Ба сари шӯъла зи нав маҳкамасозӣ доранд,
Ба дили поки Араб дастдарозӣ доранд,
Бин, ки бо оҳани бигдохта бозӣ доранд;
Ман аминам, ки бисӯзанд ба сони хасу хор!

Ҳазар аз ин ғазаби халқ, ки ҷӯшон бошад,
Ҳамчу дарьёи азим дар шаби тӯфон бошад!
Ҳазар аз хок, ки чун вартаи сӯзон бошад!
Оҳ аз он маҳкамае бар сари вулқон бошад!
Гар зи фӯлод бувад,
гард намонад аз он!

1958.

## Минбари шоир

Кӯҳи Олимп дар ривоятҳо
Ҳаст гӯё нишемани мавло;
Базмгоҳи ҳама бузургон аст,
Ҷои пирони поки Юнон аст.
Шеъри Юнон даме ки дилбар буд,
Фикри Юнон даме ки сарвар буд,
Чашми Юнон ба моҳу ахтар буд,
Он ба пирони покш минбар буд...
Барқи Юнонро адам омад,
Пас аз он навбати Аҷам омад.
Дар ҷаҳони каломy шеъру адаб,
Савту маънию лутфу созу тараб
Рӯдакӣ чун зи ғайб берун шуд,
Гашт дарьёи шеъру Ҷайхун шуд.
Аз ҷавонӣ ба размн пирон шуд,
Рашки саркардагони Юнон шуд.
Шаъни пирон зи шӯҳраташ ларзид,
Ном бо номи Рӯдакӣ гардид.
Ӯ нишеман гирифт болотар,
Худи боми ҷаҳон шудаш минбар!

1958.

## Дар сафҳаи офоқ..

Ҳар оҳ, ки сар кашид аз синаи ту,
Аз он дили чок-чоки бекинаи ту,
Шуд шеъру ҷаҳони назмро гарм бисохт,
Бо нолаи руд дар ҷаҳон шӯр андохт.
Он дар дили ҷону дидаю гӯш ниҷаст,
Дар сафҳаи офоқ пас он накш бубаст.
Ин кӯҳна китоби даҳрро то имрӯз
Гар боз кунӣ, тӯй дар он пандомӯз.
Ҳар сафҳаи ӯ гарм кунад оҳи туро,
Тасвир кунад чу зинда арвоҳи туро,
Аз он ҳама сузу созу овоз ояд,
Ашъори фусунгарат ба парвоз ояд!

1938.

## Ин ҳам қаҳрамонист...

Ба ҳамин умри ҷавонаш ватанам то имрӯз
Ончунон номварон дод ба дуньё ки ҳанӯз
Чашми таърих ба ин сайри худаш кам дидаст,
Гарчи ӯ пасту баланди ҳама олам дидаст...
З-он яке олами бедод зи ҷояш барканд,
Пас сарозер бубардошт ба хокаш афканд.
Гашт яксон ба замин з-он ситаму ҷабру ҷафо,
Андар он ҷой намуд қасри адолат барпо.
Дигаре ҳавли дили шӯразаминро бардошт.
Андар он тухми вафо, меваи иқбол бикошт;
Сеюмин зӯр заду синаи афлок дарид,
Сӯи он олами сарбастаи асрор парид...
Ҳар яки он ба дили халқ мақоме дорад;
Боз ин сил-силаи ном давоме дорад.
Ана, имрӯз ки меҳнаткаши тоҷик ба миён
Баст маҳкам камари ҳиммати худ аз дилу ҷон,
Дар таҳи сели пуросебу ба зери борон
Пас нагардад қадаме ҷаҳд кунад рӯзу шабон,
То ки аз сели бало меҳнати худро гирад,
Зи талаф ному шараф, сарвати худро гирад;
То ки ӯ байрақи номварӣ аз каф надиҳад,
Ба касе дар ҳама офоқ сари саф надиҳад...
Ин фидокорию ин саҳнаи мардон бошад,

Қаҳрамонию ҷадалсозии даврон бошад.
Қаҳрамонӣ ба ҷадал — синаи душман бидарад,
Лек бар давраи бе ҷанг ба саҳро гузарад.
Ӯ ба ҳар давр ба як ранги дигар меояд,
Вақти ҷанг дар ивази ҷону ҷигар меояд,
Вақти тинҷию амонӣ бадали меҳнату кор
Ӯ ба соҳибҳунару шердилон гардад ёр!..

1958.

## Мероси падар

Замоне нокасонро оламе дар зери фармон буд,
Ҳама иқлими дуньё сар ба сар мероси онон буд.
Барои моли дуньё ҳирси ворисон чу бармехӯрд,
Ситамгарзода фарзанде сари пири падар мехӯрд.
Агарчи ворисон фарзанди як мому падар буданд,
Ҳамеша ташнаи хуни ҳароми якдигар буданд.
Замини тинаташро ҳар яке тухми ҳасад мекошт,
Ки гӯӣ як замин он девзотонро намебардошт...

Вале аз моли дуньё ман гирифтам аз падар танҳо
Чунон меросро, ки ганҷи ноёбаст дар дуньё.
Ҳамон мероси якто аз падар бошад ҳаёти ман,
К-аз он арзандатар чизе набошад дар бисоти ман.
Қасам бар номи бахшояндаи он ганҷ бо ҷонам,
Ки онро ҳам бубахшам аз барои халқу давронам.

1958.

## Зиндаи ҷовид

Ваҳ, ки таърих аҷаб сангдилу бераҳм аст,
Қадри сад маснаду бас тоҷу нигинро бишикаст.
Ӯ на молу зару не ҷоҳу ҳашамро варзад,
Он фақат бо раҳи худ, бо дили худ мегардад.
Ҷаҳд карданд басо номварони олам
Номашон то ки шавад вирди забони одам.
З-он яке шоҳ буду қасри азиме орост,
Номи худро ба қатори «рабб-у» «оллоҳ» гузошт.
Дуйӯмин гуфт, ки унвонш ба мармар биканаид,
Ба ҳазорон сифату васф бар ӯ сикка зананд.
Дигаре соҳиби шамшер буду гурзи гарон,
Хешро хонд зи мағрурӣ худованди замон,
Баски бо кибр ҳамекард назар бар дуньё,
Одамӣ дар назараш мӯру малах буд гӯё.
Сейӯмин домани шӯҳратталабӣ бар мезад,
Бегуноҳу багунаҳ одамиро сар мезад.
Ҳама онҳо, ки паи ном ҷадал мекарданд,
Андар ин роҳ басе зӯру ҳиял мекарданд,
Охир аз зиндагӣ бе ному нишоне рафтанд,
Сӯи иқлими адам—тири пароне рафтанд,
Номашон балки зи мармар битарошид ҳаёт,
Ба сару шӯҳраташон хок бипошид ҳаёт...
Лек дар мартабаю номи накӯ, эй устод,

Модари даҳр ба як умр ба мисли ту назод!
Пояи номи ту имрӯз чунон аст баланд,
Ки эи амвоҷи адам нест варо ҳеҷ газанд.
Балки дар сояи номи ту ҳамоне, ки туро
Дод озор, чу тимсоли бадӣ монд баҷо.
Ваҳ, чӣ хушбахт буд он бешарафи номгадо,
Ки кашид мил ба чашмони тую ёфт бақо.
То ҷаҳон аст, аё эзиди ашъори Аҷам,
Зинда дорӣ ту басе аҳриманонро ба карам!

1958.

## Зани тоҷик

Чанд бар гардани дил зулфи сиёҳи ту каманд?
Лона то кай биниҳад табъ ба он сарви баланд?
Заҳраям аз нигаҳат гашта чу симобу сипанд?
Ҷамъ кун давлати ҳуснат, ки дилам раст зи банд!

Ман туро ин саҳарӣ дар сари майдон дидам,
Бо камарбанду сару кори далерон дидам.
Дасту по гумшуда дар назди ту мардон дидам,
Хештанро ба тамошои ту ҳайрон дидам.

Буд чун оҳани дартоб ба сурхӣ рӯят,
Печи дар печу парешон шуда аз он мӯят,
Остин барзада то бӯсагаҳи бозӯят,
Дили ман мот шуд аз шасти чунон ҷодуят.

Бо чунин ҷаҳди далерона рухат рафт зи ёд,
Бӯи мушкини ду зулфи сияҳат рафт ба бод.
Ғайратат лек ба даргоҳи дилам даст ниҳод,
Дил зи мӯи ту раҳо ёфт, ба дастат афтод!

1958

## Садди Назар

Дар пушти тиреза менишастам рӯзе
Бо дидаи чор,
Дидам ба хирому нози оламсӯзе
Меояд ёр.
Наззораи ман бол ба сӯяш бикушод,
Афтид ба дом,
Ҳушам зи сарам парида омад бари ӯ
Аз баҳри салом.
Дил зарба ба девори вуҷудам мезад
Бо гурзи гарон,
То рози варо зи сина берун созам
Дар назди нигор.
Алқисса, дилу дидаю ҳушам буданд
Бесабру қарор,
Аммо нафасам душмани ҷонам мешуд,
З-он буд хатар,—
Дар рӯи тиреза нақш мешуд оҳам,
Мебаст назар.

1958.

## Субҳи кишвар

Шоиро, то ба кай фурӯ шинӣ,
В-аз замин сӯи осмон бинӣ?
Ин пагоҳӣ биё зи кӯҳу камар
Субҳи шаҳри азизи худ бингар.
Ту биё аз само заминро бин,
Ҷӯши гулҳои оташинро бин,
Мавҷи нилобии дарахтонро,
Оби оинасон дурахшонро.
Руди Варзобро тамошо кун,
Боғи шодобро тамошо кун.
Ҳусни шаҳрат бубину васфаш гӯй,
Боз ташбеҳи хоси ҳуснаш ҷӯй...

Бин дар оғӯши навбаҳор онро,
Ки ба сад ранг мебарад дилҳо.
Ана, зери дарахтҳо рахшон
Нури Ильичӣ чун гули хандон,
Гӯӣ товусҳои рангоранг
Гули оташ гирифтаанд ба чанг.
Бин ба ин чодари гули наврӯз,
Ки шафақ мекунад варо зардӯз.
Шаҳри гулбоғи нозанинро бин
Дар латофат чу сафҳаи гулчин.

Кӯҳи Варзоб ҳамчун пири куҳан
Шаҳри моро гирифта дар доман,
Ӯ ба ин шаҳрбоғ мироб аст,
Боғ аз он тозарӯю шодоб аст.
Бин зи файзу сахои пири сароб
Рӯи гулҳо чӣ сон дар обу тоб.
Рангу шӯхию дилбариро бин,
Ба сари сад чаман сариро бин,
Кишвари ҳусн бину васфаш гӯй,
Боз ташбеҳи хоси ҳуснаш ҷӯй!

1958.

## Ташрифи соли нав

Ҳавлии Соли кӯҳна — пири накӯ;
Дар сари хони паҳлавонии ӯ
Менишастем, ки дараш бикшод,
Соли нав по дар остон бинҳод.
Гуфт: хуш омадӣ, биё биншин,
Қадамат нек бод!
Гуфт: «омин»!
Пас аз он, ки зиёфаташ кардем,
Иззаташро ба ҷой овардем,
Гуфтам: акнун ба «ту» савор шавем,
Зуд аз пушти кору бор равем.
Сарвати халқро ҳисоб диҳем,
Ба ту мӯҳру ҳақу китоб диҳем.
Соли бигзашта — пири нуронӣ
Сӯи мо бингарист ба ҳайронӣ.
Шона бо панҷа зад ба риши сафед;
Қ-эй писарҳои гармхун, истед.
Гуфт: ин мулк беканор бувад,
Давлаташ берун аз шумор бувад,
Ганҷу хоки варо чу поён нест,
Сар ба сар гаштанаш ҳам осон нест.
То ҳама ганҷш рӯй бинмояд,
Чанд соли дароз мебояд.

Писарон, ҳоли мо ба ин ранг аст;
Қор афзуну фурсатам танг аст.
Гуфт: шинеду худ зи ҷо бархост,
Қартаеро ба назди мо бигзошт.
Мана, он чӣ, ки ман бино кардам:
Ана ин дардро даво кардам,
Об додам замини тафсонро,
Ман дамидам ба ҷисми ӯ ҷонро.
Мана байрақчаҳои оташбол,
Ҳар яки он бувад гувоҳи ҳол,
Ки дар он ҷо макони барқ бувад,
Ватан аз он ба нур ғарқ бувад.
Ҷои ин лавҳа, ки имо кардам,
Чанд фабрикаҳо бино кардам.
Ана хатҳо, ки чун расан бошанд,
Рагу пайванди ин ватан бошанд,
Роҳи обу замину афлоканд,
Роҳи фардои поку бебоканд.
Мана ин роҳ банда бикшодам,
Сӯи хуршед моҳ сар додам.
Ана он моҳи болдори ман аст,
Қард ишорат ба осмон ӯ даст.
Гуфт: бубахшо, балам, ки нопайдост,
Ҳоли дар он канораи дуньёст...
Мана ин шаҳру он нишонаи кон,
Ана ин баҳру он заводи калон.
Мана ин ону он фалон гуфто,
Пас ба гӯшаш чизе ниҳон гуфто...
Баъд аз ин картаи дигар бикшод,
Булаҷаб нақшаро нишонаш дод.
Гуфт: аҷаб кори зӯр сар кардам,
Лек афсӯс, ки сафар кардам.
Ин хати моиле ки пар дорад,
Ҳафтсола раҳи сафар дорад.
Ин рақам — ибтидою оғозаш,

Он рақам — интиҳои парвозаш.
То ба он қуллаи ҷаҳонафрӯз
Ба чунин халқи қаҳрамон, к-имрӯз
Дамгаҳаш меҳру моҳ мебошад;
Панҷу нимсола роҳ мебошад.
3-он сари болҳо ба қасри Қомун
Як қадам роҳ аст, бе афсун...
— Балам, ин молу мулку маъворо,
Ибтидои бузурги фардоро,
Сулҳу бахту ҳаёти одамро,
Бори сулҳи тамоми оламро
Бо ду дасти адаб ба ту бахшам,
Банд акнун миёнро маҳкам!
Бохабар бош лек, ҷони падар,
Дар раҳи ту зафар бувад ва хатар.
Душмани сулҳ дар камин бошад,
Аз зафарҳои ту ғамин бошад.
Амниятро ту дар хатар надиҳӣ,
Душмани сулҳро зафар надиҳӣ!
Ман дусад бор дасташон бастам,
Роҳи найрангу қасдашон бастам.
Сулҳро аз миёни оташу об
Бигзарондам, кунун варо дарьёб!
Гар нахоҳӣ, ки ҷовидон мардум
Хонадат «Соли наҳсу соати шум»,
Бо сипоҳи амонӣ шав ҳамсар,
Бори сулҳи башар ба манзил бар!

1958.

## Қосиди фалакпаймо

Тифли оҳантани Октябрь раҳи моҳ гирифт,
Байрақи сурхи падар машъалаи роҳ гирифт.
Хабари омаданаш тез ба маҳтоб расид,
Маҳи заркокули офоқ ба мӯ шона кашид.
Дар раҳи насли замин зодаи анвор нишаст,
Ду шабу рӯз чу бо дидаи бедор нишаст,
Дид фарзанди замин наъразанон меояд,
Сӯи моҳи нигарон дастфишон меояд.
Чун башарзода қариби ҳарами моҳ расид,
Боз чашмак зада бо ғул-ғула фарьёд кашид:
— Мана, як мавҷи паёме ки равонат кардам,
Авф кун, моҳи азизам, нигаронат кардам.
Роҳи ман дуру дароз аст, ба ҷони ту қасам,
Қасд дорам, ки сари вақт ба манзил бирасам.
Нест ҳоло асари хастагӣ дар болу парам,
Дам намегираму аз даргаҳи ту мегузарам.
Даигаҳи зодаи одам ба мақоми дигарест,
Майли мо баски ба хуршеди само ҳамсафарист!

1959.

## Иди бахт

Асрҳо аҷдодҳои мо зимистони дароз
Қиссаи сарбаста аз иқбол мепардохтанд.
Бахти одамношинос
Баски бо бечорагон асло сару коре надошт,
Гӯй дар рӯи замин ҷуз ном осоре надошт.
Мардуми бехонумон
Ибтидои бахт аз наврӯз мепиндоштанд,
Бар ҳамин рӯзи муқаддас эътиқоде доштанд.
Лек то ин рӯзи нек
Сад варақ аз сафҳаи сарди зимистон мезаданд,
Дод аз дасти замону сахтии ҷон мезаданд.
Гар муранд аз гушнагӣ,
Ҳиссаи наврӯзро то ид пинҳон доштанд,
Ҳурмати иди бузургон бо дилу ҷон доштанд,
буд ин расми падар,
Чунки он шаб гӯиё аз хонаи бе обу нон
Бахт мерафтаст, як соли дароз он хонадон
Бахтро мебохтаст.
Духтари тоҷик он шаб сурмаи тар мекашид,
Бофта мӯи қаторӣ, шона бар сар мекашид.
То ки ёбад бахтро,
Ҳеҷ чизаш ҳам набошад аз либосу молу ҳол

Ё ба рӯи ҷабҳаи пурнур меангошт хол,
Ё ки марҷон мекашид.
Ё ки якто тукма андар пеши бар медӯхт ӯ,
Оташи наврӯзро то субҳидам месӯхт ӯ,
Буд ин кори савоб.
Поси ин иди баҳорӣ аз барои бахт буд,
Бахти камдидори бепарво аҷаб дилсахт буд,
Ҳеҷ кас ӯро наёфт!
То ки Ленини муаззам дар ҷаҳон пайдо нашуд,
Бахтро инъоми наврӯзӣ ба духтарҳо накард,
Бахт дар дунё набуд!

* * *

Духтари тоҷик, акнун бахт дар оғӯши туст,
Хонадони бахти олам кишвари зарпӯши туст,
Рафтагонро ёд кун!
Тӯи аҷдодони худ дар кишвари обод кун,
Рӯҳи пирони бузурги бахтҷӯят шод кун!

1959.

## Кӯҳи Маъшуқ

*(Ба хотираи Лермонтов)*

Чун шишаи қалби поки шоир
Бар санги ҷаҳолати замон зад,
Як олами ишқ аз дили ӯ
Афтиду ба хок бо фиғон зад.

Ишқи кули он замони нопок
Дар ин дили шоири ҷавон буд,—
Сад ҳайф, ки ин дақиқа дар хок
Афканда муҳаббати замон буд.

Чун аз дили гарму софи шоир
Сарчашмаи ишқро равон дид,
Он гунбази хоки ташнаи ишқ
З-он чашмаи меҳри пок нӯшид.

З-он меҳри чу оби зиндагонӣ
Он шӯразамин баҳор дарьёфт.
Шуд сабзу ҷавону ғарқаи гул,
Себаргаю лолазор дарьёфт.

Он ҷо, ки тани шаҳиди шоир
Хуншор ба рӯи хок ғалтид,
Оғӯштаи хуну ранги дар ранг
Як хирмани гул зи хок сабзид:

Оташгули он, ки пургудоз аст,
Аз сӯз ба сар забона дорад,
Пироҳани чоку қалби сӯзон
Аз мотами ӯ нишона дорад.

Ҳар лолаи доғдори пурхун
Гӯё ки зи каф фитода ҷомест,
Ҳар ғунчаи дар фиғони хомӯш
Ту гӯӣ ки шеъри нотамомест.

Садбарг ба рӯи пора-пора,
Моил ба хиром сарви беҷон,
Гӯё ки зи рангу бӯи шеъраш
Ногаҳ шудаанд зи ҳам парешон.

З-он манзараи аҷиби пурсӯз
Гӯё, ки ҳамеша нола хезад;
Бар рӯи гулаш, нигар, ки ҳар субҳ
Он модари даҳр ашк резад.

Он ҷой, ки буд такьядораш,
З-он ҷой, ки умри ӯ сар омад,
Аз хок ба қудрати халоиқ
Як ҳайкали мармарин баромад.

З-он ҷои замин, ки охирин бор
Бишнид тапидани дили пок,
Дар ҳотаи гул ду Ишқи печон
Бо ноз баромад аз дили хок.

Он буттаи гул ба пайкари ӯ
Печида ба ҳирс мебарояд,
Гӯё ки зи дил гусаста меҳре
Хоҳад, ки ба қалби он дарояд...

* * *

З-он пас, ки аз ишқи поки шоир
Он гунбази бегиё ҷавон шуд,
Шуд ҷои муқаддасу ба дуньё
Чун «гунбази ишқ» дар забон шуд.

1959.

## Мушаки ҳаёт

Мушаки ҳафтсоларо имрӯз
Дар фазои диёр сар додем.
Ҳамраҳи ӯ ҳаётро парвоз
Ҳамчу ҷовид ҳамсафар додем.

Рӯ ба самти ситоразори Коммун,
Мебарад сӯи пеш бори ҳаёт,
То ба он хонадони бахтобод
Ҳаст ӯ раҳнамою ёри ҳаёт.

Андар ин ҳафтсола раҳ мушак
Ман аминам, ки дар макон бирасад!
Тири мо ҳеҷ гаҳ нарафт хато,
Боз ҳам рост дар нишон бирасад!

1959.

## Ишқ дар замин аст

Эй ки нози ту бувад бештар аз нози арӯс,
Мӯй бар фарқи сарат хеста чун тоҷи хурӯс.
Сару афзолу хироми ту ба лайлак монад
Халқ аз баҳри тамошои ту айнак монад!
Ту ки то ҳол надонӣ шарафи одамро,
Ҷои як ҷилва ту пиндошт кунӣ оламро,
Ҳеҷ з-одамгарию мардӣ надорӣ осор,
Пас чӣ гӯӣ: «ба ҷаҳон ишқ набошад зинҳор!»
Дил-тиҳӣ, чашми хирад-кӯр, худ-одамбезор,
Олами ишқ ба фаҳми ту бувад чун бозор.
Гӯӣ мардум зи азал сафсата пардохтаанд,
Шоирон шиштаву ин лафзи равон сохтаанд.
Ҳар қадар дағ-дағаи ту ба фазо бол занад,
Ақли кӯтоҳи ту баргашта ҳамин фол занад.
Гар бихоҳӣ, ки шавад гарм чу одам нафасат,
Ба замин ой зи гардуни ҳавою ҳавасат.
Ишқ дар ҳеҷ фалак нест, фақат дар хок аст,
Фақат ин хоки сияҳ махзани ишқи пок аст.
Ба замин ою биёмез ба ин ҷӯши ҳаёт,
Бидаро мисли ҳама халқ дар оғӯши ҳаёт.

То ки дар обу арақ пеши барат тар нашавад,
Рӯи беранги ту чун лолаи аҳмар нашавад,
Фахри бемағзи ту бо хок баробар нашавад,
Нашъаи ишқи замин бар ту муяссар нашавад!

1959.

## Пири гулфурӯшон

Кӯҳи Варзобро чӣ даврон аст,
Гӯӣ он пири гулфурӯшон аст.
Ҷомаи беқасаб ба бар дорад,
Локии шоҳӣ дар камар дорад,
Саллаи суф гирди сар дорад,
Сабади гул ба пеши бар дорад.

1959.

## Башорати субҳ

Нағмаи мурғи саҳар аз хоб бедорам намуд,
Шаб ба поён мерасид.
Ман ба истиқболи субҳи рӯзи нав биштофтам,
Ваҳ чӣ хандон медамид.
Офтоб аз қуллаи кӯҳ чилчароғи наҷмро
Омаду хомӯш кард.
Зиндагиро чун падар баъд аз ҷудой ин саҳар
Омаду оғӯш кард.
Моҳ абри чун пари қуро саворӣ мекунад,
Сӯи мағриб медавад,
Офтоб аз нав ба олам шӯълаборӣ мекунад,
Рӯз тавлид мешавад.
Боз як рӯзи азими кишварам оғоз шуд,
Рӯзи пурфайзи баҳор,
Зиндагонӣ ҳамраҳи хуршед дар парвоз шуд
Сӯи фардои диёр!

1959.

## Обаки шӯх

Обаки шӯхе чу тифли беқарор
Мешитобад аз миёни кӯҳсор.
Аз баландӣ меравад ғулғулкунон,
Ӯ ба мисли кӯдаки ширинзабон.
Бо раҳи пурсанг поён меравад,
Беибо ғалтону хезон медавад;
Гӯӣ аз чизе гурезон мешавад,
Дар канори Панҷ пинҳон мешавад.
Ҳамчу тифле, ёд ояд бар сараш,
Медарояд дар канори модараш.

1959.

## Дил мешавад...

Гар чароғон давра ороянд, қандил мешавад,
Маҷмаи эҳсос дар якҷоягӣ дил мешавад.
В-ар ба ҷое дасту дилҳои ҷавон якҷо шавад,
Ҷӯл боғу гӯшаи вайрона манзил мешавад.

1959.

## Аҳсант ба одам

Як моҳваше дар лаби дарьёчаи кӯҳӣ
Аз об баромад.
Гӯё зи паси абри чу симоб сафеде
Маҳтоб баромад.
Дар софӣ рухаш ҷилвакунон дар назари ман,
Оинаи олам,
Ҳар қатра дар он акси худаш дидаю мехонд
Аҳсант ба одам!

1959.

## Оташи ишқ

Донед, ки ишқ оташи сӯзон аст,
Ҳарчанд ки сӯзи ӯ ҳузури ҷон аст.
Аз оташи асл гар касе дур шавад,
Аз дур алангааш варо нур шавад;
Ҳайҳот, ки ин оташи бедуди ниҳон
Гар дур фитад, дучанд гардад сӯзон.

1959.

## Ташнаи тӯфон

Эй Вахши гузаргаҳшикани тездави маст,
Дарьёчаи сурхи ғазаболудаи пуршаст,
Умрест, ки меҷӯшию ором надорӣ,
Метозию мешӯрӣ, саранҷом надорӣ,
Эй ошиқи девонаи ин кӯҳу даманҳо,
В-эй ташнаи ҷӯшидану амвоҷзаданҳо,
Ин водии Ёвони қадим ҷои дами туст,
Ҷавлонгаҳи ояндаву саҳрои рами туст.
Фардо ту аз ин рахнаи садсола барой,
Дар бодияи сайргаҳи хеш дарой.
Ин кӯҳ, ки умре ба ту тазъиқ намояд,
Бо зӯрию миннат зи бараш роҳ кушояд,
Сар бар фалаку бар сари ту ҳукм равояд,
Фардои дигар дар қадамат паст фуроял.
Он рӯз, ки то қуллаи ин кӯҳ барой,
Ин водии сарбаста чу лабрез намой,
Ту донию ҷӯшидану амвоҷдавонӣ,
Туғьён задану тохтану барқфишонӣ.
Он гаҳ ба муроди дили худ хоҳӣ расидан,
Чун баҳри дамон ёд бигирӣ ту дамидан!

1959.

# Оташ

Як замон бар одами бечораи бехонумон
Буд оташ ҳамчу нону ҷомаю ҷою макон.
З-ин сабаб мардум ба оташ эътиқоде доштанд,
Бо дилу ҷонаш худои хеш мепиндоштанд.
Баъд аз он, вақте ки мардум неку бад бишнохтанд,
Пас ба оташ неку бад бо майли худ пардохтанд:
Оқилонаш машъали роҳи адолат сохтанд,
Ҷоҳилонаш дар ҷаҳонсӯзӣ ба кор андохтанд.
Зад ҷаҳолат борҳо оташ ба садҳо хонадон,
Сӯхт дар нори ҷаҳолат нурҷӯёни замон,
Шаҳрҳо шуд сар ба сар вайрон аз дасти бадӣ,
Оташи бечора ҳам бадном аз дасти бадӣ...
Рафт он даври ҷаҳолат, асри ҳукми ҷоҳилон,
Дар ҳамин асри тамаддун, асри фатҳи осмон,
Гар бувад дар рӯи олам аз ҷаҳолат ворисон,
Нест бодо ворисн шуми ҷаҳолат аз ҷаҳон!
Бас бувад аз нур нори ҷаҳлро афрӯхтан,
Бо ҳамин нури ҷаҳоноро ҷаҳонро сӯхтан!

1959.

## Оби оташин

Нисбати дарьё набошад сӯхтан;
Лек ин дарьё ба даврони куҳан
Борҳо Вахши қадимро сӯхтаст,
Хонаи садҳо ятимро сӯхтаст.
Об гӯӣ барқи сӯзон будааст,
Оташи аз дида пинҳон будааст.
Сирри ин дарьё чу рози осмон
Буд аз чашми сари одам ниҳон.
То ҳамон рӯзе қи аз насли башар
Гашт марде роздони баҳру бар,
Пас ҳамон одам ба тоҷик даст дод,
Сирри ин дарьёи сӯзонро кушод.
Гуфт: «ин дарьёи пуршӯри шумо
Мешавад дар зиндагӣ нури шумо...»
Мо ба роҳаш нурполо сохтем,
Аз дилаш оташ бурун андохтем,
Водӣ аз он шӯъла пуранвор шуд,
Вахш бо халқи диловар ёр шуд.
Бин, ҳамон дарьёи Вахши беамон
Нур меборад ба ҳар як хонадон!

1959.

## Эй шоири Сомон

Он рӯз, ки эъҷози ту бар Қова равон дод,
Ӯро зафару ном ба сад асру замон дод.
Бар куштани Заҳҳок чу ҳукми ту баромад,
Он ҳукм ба сарлавҳаи таърих даромад;
Ҳарчанд ки шӯру шари ӯ рафт таҳи хок,
З-он зумраи нопок нашуд лек ҷаҳон пок.
Имрӯз ба ҳар ҷой, ки аз зулм нишон аст,
Бар маснади бедодгарӣ ворисӣ он аст...
Эй рӯҳи азим, ҳукми ту поён напазирад!
Дар даҳр касе роҳи дуои ту нагирад.
Гар ворисӣ Заҳҳок ҳануз ҷон насупурдаст,
Маъюс машав, Қовваи ҳаддод намурдаст!

1959.

## Ҳамсафари сулҳ

*(Ба муносибати сафари Н. С. Хрущев ба ШМА)*

Ин пагоҳӣ, бин, вакили халқи нусратьёри ман
Баҳри халқи ҷумлаи олам башорат мебарад,
Аз барои нарм гардонидани дилҳои сахт
Аз дили пурҷӯши халқи худ ҳарорат мебарад.

Сулҳ биншастаст ҳамчун паҳлавоне дар бараш,
Мебарад то бо ҳама олам шиносояш кунад;
То ки дигар ҳеҷ кас роҳаш надорад баъд аз ин,
Мебарад то ҷангро фарши таҳи пояш кунад!

1959.

# ТАРҶИМАҲО

*ВИЛЬЯМ ШЕКСПИР*

# Сонетҳо

1

Надорам ман сари лофи сухан бо шоири маддоҳ,
Ки андар пои ҳурони гуландому парипайкар
Намоям пешкаш арзу самову баҳрҳо яксар;
Надорад майли рафтан хомаю афкор дар ин роҳ.

Бимон, то ин ки дар ороиши ҳар мисраи ашъор
Биёрад гирд аз гардун ҳама ҷинси хушу зебо.
Сухан гӯянд аз ганҷи замину аз дури дарьё,
Сароянд аз ситора в-аз гулу гулдастаи бехор.

Барои ман муҳаббат, ростӣ — имону қонун аст,
Нависам з-ин сабаб танҳо, ки ёрам нозанин бошад,
Ба мисли духтарони оддии рӯи замин бошад,
На рахшон ҳамчу моҳу офтоби чархи гардун аст.

Чаро таърифи ҳусни ёру ишқи хешро созам,
Сари савдо надорам, то ки ман ӯро бипардозам!

2

Равад барбод санги мармарини марқади шоҳон,
Валекин ҷовидонӣ ин суруди мӯътабар монад,
Дар он симои ту то ҳаст софу ҷилвагар монад;
Ғубори асрҳо ҳаргиз намечаспад ба рӯи он.

Бигардад маҳв ҳайкалҳои сангини диловарҳо,
Зи тӯфон қасрҳои боҳашам гардад хароб, аммо
Ба фикри одамӣ ҳар нукта бандад нақш дар дунъё,
Ба чандин асрҳо ҳаргиз нагардад дур аз сарҳо.

Тавонад марг оё хонаи умрат кунад абтар?
На, ҳаргиз маргу хасми бадгуҳар инро намедонанд,
Ки то он ки ҷаҳон боқист, номат наслҳо хонанд,
Ҷаҳон фонӣ шавад ҳам, зинда хоҳӣ монд то маҳшар.

Кунун дар шеъру дар дилҳои пур аз меҳр поянда
Ба мисли нури тобанда, бимонӣ то абад зинда.

3

Борҳо дидам пагоҳон чун ҷамоли офтоб
Бо нигоҳе кӯҳҳоро меҳрубонӣ мекунад,
Ханда бар лаб, даштҳоро зарфишонӣ мекунад,
Медавонад ранги тиллогуна бар болои об.

Лек гоҳо рӯи он тахти мунаввар абрҳо
Паҳн мегарданд ҳамчун пардаи зулмоти шаб,
Мераванд оҳистаю мағруру бо қаҳру ғазаб,
То кунанд маҳрум оламро аз он нуру зиё.

Ҳамчунин он офтоби ман намуда рӯи худ,
Фурсате пошида бар ман нуру инъоми зиёд,
Лек пинҳонаш намуд аз чашмам абри бадниҳод;
З-он чароғи ишқ дар қалби ҷавон хомӯш шуд.

Ман шикоят ҳеҷ аз бахтам намесозам. Чаро?
Дар замин ҳам абрҳо ҳастанд монанди само.

4

Ба даври рӯзгорон то нафас боқӣ бувад асло
Маҷӯ тағйири худро, бош аз банди ҳасад озод,

Вале ҳар гаҳ аҷал симои покат медиҳад барбод,
Бимон, шахсе ба ту монанд бошад андар ин дунъё.

Табиат додааст баҳри ту ҳусни бемисол имрӯз,
Бувад кӯтоҳ давронат, аз ин кӯшиш намо то он
Зи рӯи ирсу қонун бигзарад бар зодаи даврон,—
Ба наслу ворисат, дар рӯзгорон то шавӣ фирӯз.

Ба дасти ворисе ғамхор ҳаргиз хонаи зебо
Намегардад хароб аз сардии сахти зимистонӣ.
Дар он авлоди ту то зинда бошад, нест имконе,
Ки маргу сардию зулмот гарданд ҳукмрон он ҷо.

Қунун бигзор, пас аз лаҳзаи умрат ба сар бурдан,
— Маро будӣ падар,— гӯяд туро шахсе пас аз мурдан!

*ГЕНРИХ ГЕЙНЕ*

# Шоир Фирдавсӣ

I

Дар ин дуньёи ноҳамвори качрав
Якеро нукраю зар бешумор аст,
Дигар дар зери бори фоқа умре
Ба як пули сиёҳи тоқ зор аст.

Валекин аз барои шохи мағрур
Фақат зар эътибору қадр дорад;
Агар бахшанд, зар бахшанд шоҳон,
Вагар гиранд, зар гиранд онон.

Ҳамин расми шаҳон аз даври дуньё
Барои пиру барно ошкор аст,
Ҳам аз баҳри суханорои Тусӣ,
Ки умри ӯ ба умри рӯзгор аст.

Яке аз шоҳҳои оли Сомон
Ба Фирдавсӣ бубаст ин гуна паймон:
«Ба назми номаи шоҳон бупардоз,
Ба ҳар сатраш тило созем инъом»...

Баҳори кӯҳна рафту нав даромад,
Бад-ин сон сӣ баҳор аз байн бигзашт,
Ва булбул сӣ баҳорон васфи гул хонд,
Зи хониш монд сӣ бору даҳон баст.

Вале шоир ба назди дастгоҳи
Суханҳои баландпарвоз биншаст,
Шабу рӯз аз суруди поку рангин
Ба қолини сухан ӯ тоза гул баст.

Ба сар мебурд қолини суханро,
Дар он аз қиссаҳои форс мебофт,
Ки аз он шӯҳрати шоҳони Эрон
Ба мисли офтобу моҳ метофт.

Шукӯҳу корзори паҳлавонон,
Ҳаме авсофи халқи қаҳрамон буд.
Зи як сӯ деву макру сеҳру ҷоду
Ба рангу бӯи гул андар ниҳон буд.

Ҳама чиз дар шукуфтан буду гуфтан,
Ҳама чун нур мерахшиду месӯхт,
Дар он чун офтоби оламоро
Шукӯҳу оташи Эрон барафрӯхт.

Ҳамон оташ, ки қуръону шариат
Барои куштанаш хуни ҷигар шуд;
Ба оташхонаи пири суханвар —
Ба қалби шоир он тобандатар шуд...

Пас аз анҷом он дурҷи суханро
Ба уммеде ба назди шоҳ мебурд,
Ҳамон ноёб ганҷи бостонро
Ба Маҳмуди баду бадзот биспурд.

Ба мулки ғайр, дар ҳаммоми Ғазнин,
Ки шаҳри холӣ аз нуру зиё буд,
Ғуломони сиёҳи шоҳ Маҳмуд
Расиданд, ғул-ғулу фарьёд афзуд.

«Ба пеши пои шоир нуқра резед!»
Ба пешаш холӣ карданд чанд ҳамьён.

Барои меҳнати сисолаи ӯ
Ҳамин буд ҳиммату инъоми султон.

Зи ранҷи ройгону ганҷи шоҳон,
Ба ҳоли хеш шоир талх хандид,
Ва музди меҳнати сисолаашро
Ба ходими шаҳу ҳаммом бахшид.

Намуд инъоми шоҳона ба онҳо,
Қитобу тӯшаи роҳаш бубардошт,
Ба нафрат аз макони ҳокими дун
Бирафту лаънати бисьёр бигзошт.

II

Назди фонтан, ба сояи зайтун
Такья бар лӯлаҳои зар мекард,
Базми хубону шеъри оташбор
Дар дили санги ӯ асар мекард.

Байни сарҳову навкари Маҳмуд
Буд Унсурӣ — шоири даврон.
Нахлҳо ҳамчу қомати ҳурон,
Соя афканда бар сари султон.

Гули садбарги сурх дар гулдон
Ҳамчу шамъе ба шамъдон месӯхт,
Атр мерехтӣ зи накҳати ӯ,
Ранг мебехтӣ таровати он.

Сарвҳо масти хоби нимрӯзӣ,
Моили осмону по дар гил.
Ногаҳ овози соз ларзон шуд,
Бигирифт мавҷи шеър он манзил.

Гуфт Маҳмуд: Ин сухан аз кист?
Шӯъла дар чашми шоҳ рахшон шуд.

Ғуфт Унсурӣ: к-эй шаҳи олам,
Шеъри Фирдавсӣ...
Шоҳ ҳайрон шуд.

Баъди андеша гуфт: Эй шоир,
Гӯй Фирдавсӣ дар куҷо бошад?!
Гуфт: Аз гардиши замон, шоҳам,
Пири афтода, бенаво бошад;

Ӯ ба боғи падар ба Тус омад,
Розиқи пирияш ҳамон боғ аст.
Шоҳ Маҳмуд дар сукут афтод,
Ҳамчу бабре пас он зи ҷо барҷаст.

Гуфт: Унсурӣ амри мо бишнав:
Рафта бо чокарон аз саҳро
Сад шутур гиру аз зару зевар
Бор кун аз дусад хазинаи мо!

Андар ин ҳафт кишвари дастам
Ҳар чӣ бошад зи неъмати дуньё,
Сад шутур борро муҳайё кун,
Рӯзи дигар ба Тус раҳ паймо!

Боз даҳ аспи тозии чун бод,
Ҳамчу тире ба шасту дар рафтор.
Даҳ ғуломи ҷасури оҳантан,
Ки бувад панҷаҳояшон заркор.

Ҳама ин неъмати фаровонро
Бо дуою саломи ман, шоир,
Мерасонӣ ба Тус бо таъзим
Ба худои каломи оламгир.

Худи он рӯз амр иҷро шуд,—
Сад шутур зери нуқраю зар буд.

Нархи ин ҳадьяҳои шоҳона
Ба хироҷи ватан баробар буд.

Аз паси сорбон, Унсурӣ
Қорвони шаҳӣ равон гардид,
Дар биёбони ташнаи Эрон
Қофила аз назар ниҳон гардид.

Нӯҳ шабу рӯз дар сафар буданд,
Субҳи даҳӯм ҳамин ки хандон шуд,
Мисли як гулшане ба домани кӯҳ
Тус ҳам дар назар намоён шуд.

Бо нафиру нағораю ғавғо
Ба дари шаҳр корвон омад,
Ғул-ғул афканда бар дару девор,
Тӯҳфаҳои шаҳи ҷаҳон омад.

Дар ҳамин лаҳза аз дари дигар
Тобути ӯ ба сад фиғон burdанд,
Баъди чандин азобу хун хӯрдан,
Ҷисми покаш ба хок биспурданд.

*АДАМ МИЦКЕВИЧ*

## Шарқ ва шимол

Макони худсарии боду тӯфон мулки мо бошад,
Ҳасад бурдан ба аҳли шарқ аммо носазо бошад,
Агарчи манзараш чун қолини Қашмир рангин аст,
Пагоҳон шӯълаи хуршед гулро тоҷи заррин аст...
Дар он ҷо булбулон аз шавқи дил то субҳ бедоранд,
Ба завқи хандаи гул ҷон фидо кардан раво доранд;
Сабо бар дидаи бечора булбул лек хоб орад,
Гули бераҳм он фурсат ниқоб аз рӯй бардорад.
Бувад иқлими моён сарду ӯро мӯътабар донем,
Варо оромгоҳи пушту авлоду падар донем.
Ба ҷое ки замин иззат намояд мурдагонашро,
Фаромӯш мекунанд оё ба умре зиндагонашро?

## Воевода

(*Баллада*)

1

Шабе бевақт омад сӯи хона
Воевод аз сафарҳои шабона.
Ба хизматпешагонаш дод фармон:
Ҳама хомӯш бошанд, худ шитобон
Ба хилватхона дохил гашт, аммо
Надид он ҷо арӯси хештанро.

2

Ба монанди шаби бемоҳтобе
Ду чашмаш тира, дил пуриэтиробе;
Қашида остинро то ба бозу,
Ҳаметобид бурути хешро ӯ;
Дари дарвозаро басту аз он пас
Бизад фарьёд к—: эй иблиси нокас!

3

— Чаро дарвоза бе қулф асту занҷир?!
Набастӣ бахри чӣ сагҳои шабгир?
Ба дуздонам зи баски ҳамнишинӣ,
Зи ман ҳоло ҷазои хеш бинӣ!
Бигир банду камону аз паси ман
Биё, бинад ҷазояш бевафо зан!

4

Паси девор ҳамчун дидбонон
Панаҳ гардида поиданд онон.
Зи байни буттаҳои боғи зебо
Бididанд духтаракро хуросо
Нишаста назди фонтан бо ҷавоне,
Ки мулки ҳуснро буд комроне...

5.

Ба зону пеши он озода дилбар
Фитода кард бо нармӣ сухан сар:
— Ба ёдат шод будам, нозанинам,
Набуд тоқат, ки рӯят дер бинам.
Нахоҳам ман фаромӯш кард асло,
Дамиданҳои симин синаатро
Ҳамон вақте ки дастатро ба дастам
Гирифта, рӯ ба рӯят менишастам.

6

Ба чандин сол андӯҳат кашидам,
Зи пуштат гаштаму васлат надидам.
Ба мисли хандаи гул аз мани зор
Ниҳон будӣ... Шудӣ ӯро кунун ёр.
Зи ишқат бар дилаш оё асар аст?
— Ба ҷони ишқ ӯро симу зар аст...

7

Кунун ман омадам дар ин шаби тор,
Ки бинам бори дигар боз дидор.
Фишорам дастҳои нозукатро,
Ки ту дигар набиниям дар ин ҷо.
Мурод ин, ки ба сӯят бахт ҳар рӯз
Тулӯъ созад чу нури оламафрӯз!

8

Ҷавон бӯсид ӯро ҳар ду зону,
Равон шуд ашк аз чашмони бону.
Воевод аз ниҳон ин саҳнаро дид,
Зи қаҳру кина сар то пой ларзид.
Ба копсюл ҳар ду тирҳо зер карданд,
Қамонҳоро ҳамон пуртир карданд.

9

«Ҷанобам,—гуфт ҷавони тирандоз —
Сабил монад, камонам ҳаст носоз.
Чӣ бадбахтӣ, намедонам сабаб чист?
Биларзад дасту об аз чашм ҷорист,
Равон ашкам надонам аз шамол аст?
Ба ин ҳолат нишонгирӣ маҳол аст».

10

«Даме хомӯш шав, гайдуки[1] нокас!
Ту оҳу нолаатро кун аз ин пас...
Ба милтиқат намо ин тирро зер,
Зи чап, байни ду абрӯяш нишон гир!
Нахустин ман, ту фурсат нигаҳ дор,
Ба он ҳазрат худам дорам сарукор».

11

Вале пеш аз ҷаноби пан[2] ҷавонмард
Нишон бигрифту ногоҳаш садо кард;
Магар ӯ дар нишонгирӣ хато қард:
— Чу пан баргашт тири додаи хеш
Ба пешонӣ задаш чун аждаҳо неш...

---

[1] *Гайдук*—ин ҷо ба маънои роҳзан.
[2] *Пан*—помещик.

*ФРИДРИХ ШИЛЛЕР*

## Тақсими замин

Зевс як рӯзе саховатманд шуд, эҳсон намуд,
Гуфт: «Бахшидам заминро бар шумо, эй хокиён!
Аз ҳамин соат замин моли ҳалоли одам аст,
Ҳиссу тақсимаш кунед ҳамчун бародар дар миён»

Тохт ҳар одам, ки будаш чор ишкели дуруст,
Дар такопӯ гашт якдам кӯдаку пиру ҷавон.
Марди деҳқон киштзоронро ба дасти худ гирифт,
Ёфтанд сайёдҳо дар бешаҳо ганҷи ниҳон.

Ҳар ки тоҷир буд, ҷояш гӯшаи бозор шуд,
Гашт бесомону зоҳид кӯзаи майро гирифт.
Аз паи боҷу хироҷаш шоҳ қонунсоз шуд,
Бар дару пулу гузарҳо қулфи шоҳон ҷо гирифт.

Баъди сайр андар кадомин гӯшаи рӯи ҷаҳон
Шоир омад, во аҷаб, дар ин замини бекарон
Ҳар куҷое пой мепартофт, моли шахс буд,
Ҳар куҷое чашм меандохт, соҳиб дошт он.

Вой бар ҳоли ман, эй парвардигори оламо,
Аз ҳама неъмат намудӣ бенасибам, чун кунам?
Беҳтарин фарзанди худро ёд н-овардӣ даме,—
Шикваҳо мекард он шоир ба даргоҳи худо...

«Гар ту бо фикру хаёлат ишқбозӣ мекунӣ,
Бехабар аз оламӣ, бо мо чӣ нозе мекунӣ?
Дар куҷо будӣ ту охир вақти тақсими ҷаҳон?»
«Бо ту будам,— гуфт шоир,— эй худои меҳрубон!»

«Чашми ман дар осмони софи ниликор буд,
Гӯшу ҳуши ман ба оҳанги илоҳӣ ёр буд.
Пас бубахш онро, ки шуд аз моли дунъё бенасиб,
Бандае к-аз шафқату нури ту бархурдор буд...»

Зевс гуфто: «Чун кунам ин ҳолати нобобро,
Ҳисса кардам ҷангалу боғу замину обро,
Марҳамат, кун зиндагӣ дар осмон ҳамроҳи ман,
Докмо боз аст бар рӯи шумо даргоҳи ман...»

## Хоҳиши дил

Бишав, эй дашти зулмат, нурборон!
Бишав, зулмат, аз ин водӣ гурезон!
Қуҷоӣ, эй диёри дури ҷонбахш,
Биё, бар ҷисми ман рӯҳу равон бахш!
Чунон дар теппаҳоят гул бихобад,
Ба сони хаймаи алвон битобад...
Чаро, эй вой, болу пар надорам,
Ки он ҷоро ба зери пар биёрам.

Дар он ҷо чанги шодӣ соз дорад,
Муҳит ором, гӯӣ роз дорад.
Насими он чаман бо мушкборӣ
Биёяд ҳамчунон бӯи баҳоре.
Дар он ҷо буттаҳои соядоранд,
Дарахтон меваи заррин биёранд,
Асар аз бо̄ду бӯрон нест он ҷо,
Бувад кӯҳаш нишемангоҳи гулҳо.

Дар он мулке ки роҳаш ноаён аст,
Баҳораш марҳаму дармони ҷон аст,
Нафасгирии садбарги тар он ҷо
Равони мурдаро месозад эҳьё.

Ба он ҷо мепарам... аммо чӣ чора?
Қи он мулки умедам раҳ надорад:
Зи пешам мавҷи пуртуғьён бихезад,
Қи бо кӯҳи азим андар ситезад.

Ана заврақ...
Куҷо шуд раҳбари мо?
Биёяд, ҳар чӣ ояд бар сари мо!
Ба ҷои бодбон ӯ бол дорад,
Қи болаш сояи иқбол дорад.
Бикун бовар ба дил, фолаш хато нест,
Умедӯ илтифоте аз само нест...
Бар он иқлими сеҳрангез моро
Ба ҷуз мӯъҷиза чизе раҳнамо нест!

РОБИНДРОНАТ ТАКУР

## Гарди хок

Ҳам рӯи замину ҳам дили кӯҳ зебост,
Ҳам хоки сияҳ, ки дояи неъматҳост.
З-он пеш, ки оташам мирад, сард шавам,
Дар назди ғубори ин замин гард шавам.

Таркиби вуҷуди моддаи ин дуньё,
Ҳам вазъи ниҳони гирдгардон зебост.
Ҳар ҷинс ки зарра гашт, бар хок нишаст,
Он зарра ба коинот бешак пайваст...

Шодам, ки аз ин ҳаёти бигзаштаи ман
Як ҷавҳари асл ҷовидон мемонад:
Ман ҷинси абадият шавам, хок шавам,
Як гарди замини ҷовиди пок шавам.

## Машъала

Ба дасти хеш гирифтам зи хона машъалае,
Қи бахри ҳамсафарон ёри раҳнамо гардам.
Бародарон, ба каф ин шамъро аз он гирам,
Қи сӯи кур машъаладори раҳи шумо гардам.

Пас он хитоб намудам, ки дӯстон, бинед,
Ба зери пардаи зулмат ҳама ниҳон гардид.
Қунун наканда аз ин машъали фурӯзон чашм,
Равон шавед, ки роҳе накӯ аён гардид!

Вале сипоҳи тирагӣ аз шаш ҷиҳат фуруд омад,
Қи нури машъала оҷизу нотавон гардид.
Сипас чӣ гуна раҳи дӯстон кунам равшан?
Қи худ зи раҳ фитода, брун аз кафам инон гардид.

Қунун миёни тирагӣ бе рӯшной дар сӯзам,
В-аз он ба тарс, ки маҳв андар ин миён гардам.
Маро фурӯз ту, эй машъалаи ҷаҳонафрӯз!
Маро бисӯз, ки оташ гирифта месӯзам!

## Муроҷиат ба шоир

Аё шоир, чаро ҷӯше надорӣ,
Бутӣ, ё ҳайкали рӯи мазорӣ?
Нигар, ҳар лаҳзае ки таҳ нишинад,
Ба олам ҷунбиши нав офаринад;
Худи хуршед ҳатто раҳнавард аст!

Куҷо хилватсарои туст, шоир,
Чаро маҳфуз дорӣ фикр охир?
Бигӯ ки дар кадомин кунҷи дунъё
Парад боди ғурурат мисли анқо,
Ҳамон ки бар сарат ҳокими яктост?

Дар ин хилватсарои айши олам
Ту раҳгумию дар бандию пурғам.
Навои зиндагӣ н-ояд ба гӯшат,
Зи баски дар хаёлу ақлу ҳушат
Муқаддас номи худро менигорӣ!

Ту к-андар осмони фахр парвоз
Ҳамекардӣ, шавӣ бо хок дамсоз?
Ту одат кардаӣ бо шӯҳрату ном,
Чӣ аҳсанҳо шунидастӣ зи айём,
Ҳама хоҳанд, ки аз ту панд гиранд.

Фалак бар бомҳо чун яхча безад,
Ҳаёти нав нафасгирон бихезад.
Нигар, мардум туро чун таъна доранд,
Ба шеъри дилфиребат интизоранд,
Зи овозат даме серӣ надоранд!

Шунав, мардум чӣ гӯянд: — Чашмдорем,
Бихон аз баҳри мо, ки бешуморем!
Макун андеша афзун, вақт танг аст!
Бидеҳ парвоз шеърат чун қашанг аст,
Ки умри одамӣ чун абру бодест!

Ҳама дар раҳ, ту ороми хамӯшӣ,
Сарат бо ҷомаи унвон бипӯшӣ.
Аё шоир, чаро ҷӯше надорӣ,
Бутӣ, ё ҳайкали рӯи мазорӣ?
Бидон, ки безабонӣ ҳукми марг аст!

Ниҳон созӣ чаро дилхастагиро?
Бигӯ, халқи ту хушкидаст оё?
Ғами худро махӯр, хонандагонат,
Ки ду ҳарфе шуниданд аз даҳонат
Пас аз ин чун туро устод хонанд?

Ба рӯи ту ниқоби хушзамирӣ,
Зи мардум қуввaю илҳом гирӣ.
Надоранд лек бар ашки ту бовар,
Табассумҳот пурмакранд аксар,
Ҳақиқат пардаи макрат даронад!

Ба ному ҷоҳ фахридан ҳаром аст,
Вале аз ин бинозанд мардуми паст.
Басе дунон ба чашмат чашм баста,
Бале гӯён, зананд қарсак дудаста,
Барои ҷисми беҷони сурудат.

Заминро бину бар санги сари рох,
Ба таҳрики халоиқ гоҳу ногоҳ.
Зи авҷи осмон ҳам аст манзур
Нахустин моддаи даргашт аз дур.
Ва тавлиди нахустин ахтарон ҳам!

Зи ту гарди замин ҳам шиква дорад,
Ки аз он ҳайкали ҷовид созанд.
Ҳамон ҳусни муқаддас умр дорад,
Ки худбин нест ӯ оинаосо,
Наварзад хешро монанди анқо!

Нигар, дар қаъри ин майдони нилкор
Мунаҷҷим менишинад дар шаби тор,
Нигар, дар осмони пурситора
Зи шаб то субҳидам ахтар шуморад.
Расад бо мавҷи анҷум бар канора.

Барои мо ҷаҳони нав кушодаст,
Ки ҳар ки дур аз он шуд, бадниҳод аст.
Хирадманд аз паи шӯҳрат нагардад,
Ва номаш аз ҳаводис кам нагардад,
Ба чашми ақл бинад ӯ ҷаҳонро.

Агарчи орзӯи нотамомаш
Аҷал бо ҷомаи чун шир пӯшид;
Муҳит афтода дар доми шаби тор,
Зи ахтарҳои онҳо нест осор.
Вале доранд дар олам нишона.

Нигар бар қуллаи пиръях, ки аз дур
Ба монанди хирадмандест пурнур.
Намуда такья бар он бурҷ танҳо,
Вале селоби ӯ аз санги хоро
Бурун оварда сар бо шӯру ғавғо.

Сари сероҳаи иқболу уммед
Хирадмандон биёранд рӯ ба хуршед.
Назар бар гардиши айём созанд,
Фалак созад гузар аз фикри онҳо.
Чу гардад офтоб аз бурҷ пайдо,
Шавад тавлид рӯзи нав ба дунё!

Бузургиро аз он ҷо ибтидо аст,
Нишемангоҳи ҳастӣ бо худо аст.
Аё шоир, агар пурсанд аз нав:
Ту кистӣ? Ҳарзагӯ дар қолаби нав?
Ва ё пайғамбари назми ягона?..

28623
БИБЛИОТЕКА
профкома Ленинабадского
шелкокомбината.

*МӮСО ҶАЛИЛ*

## Тӯҳфаи ман

Агар он рӯзҳои неки умрам боз дарьёбам,
Ки будам байни гул, дар ҷӯши баҳри зиндагӣ беғам,
Бароят, дӯстам, аз тозагулҳои ватан он дам
Чӣ сон гулдастаҳо бо ҷону дил тақдим мекардам.
Дареғо, з-он ҳама ин ҷо нишоне нест чун анқо,
Куҷо боғу макону чист озодӣ дар ин маъво?..
Дар ин ҷо гул ҳаме пажмурдаю берангу бебор аст,
Замин ҳам гӯиё дар банду басти хасми ғаддор аст.
Фақат ҳамроҳ қалби пурхурӯши гарму ҷӯшонам,
Ки дар он нест доғе,
соф◦ бошад ҳамчу виҷдонам.
Аз ин рӯ пешкаш кардам суруди қалби пурафсун,
Қабул онро, азизам, ҳамчу гулҳои баҳорон кун.
Агар ман худ бимирам, ӯ ба олам зинда мемонад,
Ба сози дӯстӣ з-он халқ номатро ҳамехонад.
Расонад бар Ватан, к-андар дили пурҳасрати моён,
Чӣ сон гулҳои поки дӯстӣ бишкуфт дар зиндон.

## МУНДАРИЧА

Моҳи нав . . . . . . . . . . . . 3
Ду гул . . . . . . . . . . . . . 5
Дар роҳ . . . . . . . . . . . . 7
Хоби модари Олмон . . . . . . . . 9
Меҳри модар . . . . . . . . . . 11
Қафшери муҳаббат. . . . . . . . . 13
Ба духтари пахтачин . . . . . . . 14
Дар роҳи вафо. . . . . . . . . . 16
Ленин аз мост. . . . . . . . . . 17
Шоир ва шоҳ . . . . . . . . . . 19
Модари Шарқ . . . . . . . . . . 25
Ҳукми таърих . . . . . . . . . . 27
Салют . . . . . . . . . . . . . 29
Садди ногузар . . . . . . . . . . 31
Асри атом . . . . . . . . . . . 32
Ҷилвагоҳи ҳақиқат. . . . . . . . . 34
Ҳукм бар ситора кунем. . . . . . . 35
Қиссаи чархи фалак . . . . . . . . 36
Соли нав, меҳмони нав. . . . . . . 38
Олиҳаи фатҳу наҷот . . . . . . . . 40
Оташи ғазаб . . . . . . . . . . 42
Минбари шоир . . . . . . . . . . 43
Дар сафҳаи офоқ . . . . . . . . . 44
Ин ҳам қаҳрамонист . . . . . . . . 45
Мероси падар . . . . . . . . . . 47
Зиндаи ҷовид . . . . . . . . . . 48
Зани тоҷик . . . . . . . . . . . 50
Садди назар. . . . . . . . . . . 51
Субҳи кишвар . . . . . . . . . . 52

Ташрифи соли нав . . . . . . . . . . . . 54
Қосиди фалакпаймо. . . . . . . . . . . 57
Иди бахт . . . . . . . . . . . . . . 58
Кӯҳи Маъшуқ . . . . . . . . . . . . . 60
Мушаки ҳаёт . . . . . . . . . . . . . 63
Ишқ дар замин аст . . . . . . . . . . 64
Пири гулфурӯшон . . . . . . . . . . . 66
Башорати субҳ. . . . . . . . . . . . 67
Обаки шӯх . . . . . . . . . . . . . 68
Дил мешавад . . . . . . . . . . . . . 69
Аҳсант ба одам. . . . . . . . . . . . 70
Оташи ишқ . . . . . . . . . . . . . . 71
Ташнаи тӯфон . . . . . . . . . . . . 72
Оташ . . . . . . . . . . . . . . . 73
Оби оташин. . . . . . . . . . . . . 74
Эй шоири Сомон . . . . . . . . . . . 75
Ҳамсафари сулҳ . . . . . . . . . . . 76

**Тарҷимаҳо**

*Вильям Шекспир* . . . . . . . . . . . 79
Сонетҳо . . . . . . . . . . . . . —
*Генрих Гейне* . . . . . . . . . . . . 82
Шоир Фирдавсӣ. . . . . . . . . . . . —
*Адам Мицкевич* . . . . . . . . . . . 87
Шарқ ва Шимол. . . . . . . . . . . . —
Воевода *(баллада)*. . . . . . . . . . 88
*Фридрих Шиллер* . . . . . . . . . . . 91
Тақсими замин . . . . . . . . . . . —
Хоҳиши дил. . . . . . . . . . . . . 93
*Робиндронат Такур* . . . . . . . . . . 95
Гарди хок . . . . . . . . . . . . . —
Машъала. . . . . . . . . . . . . . 96
Муроҷиат ба шоир . . . . . . . . . . 97
*Мӯсо Ҷалил*. . . . . . . . . . . . . 101
Тӯҳфаи ман. . . . . . . . . . . . . —

Мумин Каноат

**ИСКРИ**

*(на таджикском языке)*

Муҳаррир *Ҷ. Суҳайлӣ*
Рассом *М. Серебрянская*
Муҳаррири расмҳо *Т. Королева*
Муҳаррири техникӣ *Р. Анисимова*
Мусаҳҳеҳ *С. Хаимова*

* * *

Ба матбаа 29/I-1960 супорида шуд. Ба чопаш 10/V-1960 имзо карда шуд. Қоғази $70 \times 92^1/_{32}$. Ҷузъи чопӣ 3,25. Ҷузъи чопии шартӣ 3,80. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 2,70. Адади нашр 3000. Нархаш 2 с. 35. КЛ 00948. Супориши № 158.

* * *

Сталинобод, Комбинати полиграфии Вазорати маданияти РСС Тоҷикистон

2 с. 35 т.

Нашриёти Давлатии Тоҷикистон